МИЁНИ ӮВУ КОРМАНДОН ДЕВОР НАБУД... с. 13
ҚАЛАМ БОЯД ВАСЛ КУНАД, НА ФАСЛ с. 6
БАРОИ «РОҒУН» ЧӢ ҚАДАР МАБЛАҒ ЛОЗИМ АСТ? с. 5



# ТОҶИКИСТОН

№ 33 (1697), 19.08.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто ст! Оғози нашр соли 1992

# НАФТ АЗ ЭРОН

## мушкили сӯзишвории Тоҷикистонро ҳал мекунад?



## ДАР ИН ШУМОРА:

**МАОРИФ**
пули дӯстӣ миёни тоҷикону ӯзбекон с.3

**ТОЛИБОН**
5 соли кудрат ва эътирози Фотеҳ с.4

Акбари Эронӣ:
**САДДЕ МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН ҲАСТ...** с.7

**«ИСТИҚЛОЛ»**
Сармураббӣ корти сурх гирифт с.14

**ИБНИ СИНО**
Аз пули миллӣ то ҷоизаи байналмилалӣ с.10

**ҲИЛОЛИДДИН ШИРИНОВ**
мушкили муҳоҷирро то сатҳи байнидавлатӣ мебардорад с.11

**ПОЙТАХТ**
Нақлиёт 20% зиёд мешавад с.10

**КАНЗИ ШИФО**
Фоида ва зарари чой с.14

PRESSA .TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,**
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,**
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,**
муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,**
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,**
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд



*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*



**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


# ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТӢ ПУРРА ЭЛЕКТРОНӢ МЕШАВАНД

**19-уми август таҳти раёсати Президенти кишвар, Раиси Шуро оид ба рушди иқтисоди рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи якуми Шуро баргузор гардид. Дар он масъалаҳои татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2026-2030 ва пурра электронӣ намудани хизматрасониҳои давлатӣ баррасӣ шуданд.**

### СОХТОРИ ЯГОНАИ РАҚАМӢ

Президенти кишвар таъкид намуд, ки таъсиси Шуро идомаи сиёсати давлат дар самти навсозии иқтисоди миллӣ, такмили идоракунии давлатӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ мебошад.

Ба гуфтаи Сарвари давлат, эълон гардидани солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабули Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2026-2030 заминаи зарурире барои пешбурди ин раванд фароҳам овардааст.

Таъкид шуд, ки рақамикунонӣ бояд ба беҳтар гардидани зиндагии мардум, сарфаи вақти шаҳрвандону соҳибкорон, кам шудани харочот, шаффофияти идоракунӣ ва баланд гардидани рақобатнокии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

### ҲАДАФҲОИ СОЛҲОИ 2027-2030

Дар ҷаласа муовини якуми Сарвазир Ҳоким Холиқзода оид ба татбиқи барномаи рушди иқтисоди рақамӣ, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода оид ба ҷалби сармоя ва вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода доир ба омодасозии кадрҳо гузориш доданд. Директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ Хуршед Мирзо пешниҳодҳоро оид ба пурра рақамӣ намудани хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳамгироии махзанҳои маълумот манзур намуд.

### ЧОР ПРИНСИПИ АСОСӢ

Эмомалӣ Раҳмон зарур шуморид, ки рақамикунонӣ дар асоси чор принсип амалӣ гардад: натиҷаи воқеӣ барои инсон ва иқтисод, ташкили сохтори ягонаи рақамии давлат, пешниҳоди маълумот танҳо як маротиба ва дастрасии баробари шаҳрвандон ба хизматрасониҳои давлатӣ.

Ҳамзамон, рушди инфрасохтори рақамӣ, ҳамгироии феҳристҳои давлатӣ, электронӣ намудани хизматрасониҳо, рақамикунонии иқтисод ва соҳаҳои иҷтимоӣ, рушди соҳибкории рақамӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ ва таҳкими амнияти киберӣ аз самтҳои афзалиятнок муайян шуданд.

### ХИЗМАТРАСОНИҲО БЕ КОҒАЗ

Ба мақомоти давлатӣ супориш дода шуд, ки хизматрасониҳои худро ба портали ягона ворид намуда, онҳоро пурра дар шакли электронӣ пешниҳод намоянд. Пеш аз рақамикунонӣ тартиби ҳар хизматрасонӣ бояд сода шуда, ҳуҷҷатҳои такрорӣ ва муроҷиати беасос ба чанд мақом барҳам дода шаванд.

Ба Хадамоти алоқа дастур дода шуд, ки ба беҳтар намудани сифат ва фарогирии интернет, махсусан дар минтақаҳои дурдаст диққати бештар диҳад. Хадамоти гумрук вазифадор гардид, ки харитаи гузариш ба расмиёти пурра бекоғазро таҳия ва татбиқ намояд.



# ТЕМУР ЗУЛФИҚОРОВ 90-СОЛА ШУД

**Президенти Русия Владимир Путин нависанда ва шоири русзабони тоҷик Темур Зулфиқоровро ба муносибати 90-солагиаш табрик кардааст. Дар ин бора ТАСС хабар медиҳад.**

Темур Зулфиқоров 17-уми августи соли 2026 ҳаштодсола шуд. Паёми табрикии Владимир Путинро сафири Русия дар Тоҷикистон Семён Григорев ба нависанда расонид. Дар паёми табрикӣ Владимир Путин аз саҳми Темур Зулфиқоров дар адабиёт ва муаррифии Тоҷикистон ёд карда, навиштааст, ки ӯ «нависанда, драматург, шоир ва маорифпарвари барҷаста, инсони дорои қалби бузург ва истеъдоди фаровон» мебошад.

Президенти Русия таъкид кардааст, ки Зулфиқоров тавассути эҷодиёти пурмаҳсули худ Тоҷикистонро машҳур намуда, дар густариши забон ва адабиёти русӣ дар ҷаҳон ва тарғиби арзишҳои гуманизми воқеӣ саҳми сазовор гузоштааст.

Темур Зулфиқоров соли 1936 дар шаҳри Душанбе ба дунё омада, Донишкадаи адабии ба номи Максим Горкийро хатм кардааст. Ӯ муаллифи беш аз 30 китоб буда, барандаи ҷоизаҳои адабии «Ясная Поляна» ва «Беҳтарин китоби сол» мебошад.

## САРИ САБЗ



**Ҷаҳонгир ЗАРИФОВ, ҳунарманди хирфаии тоҷик**

**- Мо ҳунармандон хеле серкор ҳастем ва аксаран вақте ба ин ё он барнома даъватамон мекунанд, фурсат намеёбем. Аммо ман кӯшиш мекунам, ки касеро наранҷонам ва каме ҳам бошад, вақт пайдо карда, дар бораи фаъолияти эҷодӣ ва зиндагиам маълумот диҳам.**

*- Ҳар рӯз ба тӯйҳо даъват кунанд чӣ? Масалан, агар дар як рӯз ба ду тӯй даъват кунанд, барои рафтан фурсат меёбед? Агар не, дар ин сурат рақами ягон сароянда дигарро ба нафари муроҷиаткарда диҳед, кори хайр мешавад.*



**Ойниҳол БОБОНАЗАРОВА, ҳомии ҳуқуқи инсон**

**- Созмонҳои ҷамъиятӣ ба ҳимояти ҳуқуқи қишрҳои ниёзманду камбизоати ҷомеа машғуланд. Онҳо метавонанд аз ҳуқуқи шаҳрвандоне, ки бо поймоли ҳуқуқҳояшон рӯ ба рӯ шудаанд, ҳимоят кунанд. Аз ҷумла, дар масъалаи алимент кумаки онҳо хеле назаррас аст.**

*- Бале, дуруст мегӯед, мо ҳам мушоҳида карда истодаем. Қариб ҳамаашон болои ҳамин масъалаи алимент "рехтаанд", гӯё дар дунё ба ғайр аз ин мушкили ҳуқуқии дигар набошад.*



**Азиз НОСИРОВ, яке аз муассисони "Yalla"**

**- Мо хизматрасонии дарёфту дастраскунии доруҳоро дар якуним сол оғоз кардем, вале хизматрасонии дуюмамон хизматрасонии расонидани хӯроки нисфирӯзӣ ба корхонаҳоро дар се моҳ ба роҳ мондем. Хатоҳову афтоданҳо ва хестанҳо буд, ки мо таҷриба гирифтем.**

*- Хайр, баъди афтоданҳову хестанҳо ва таҷриба гирифтан фаҳмидед, ки мардум аз доруҳои талх сад бор безоранд? Беҳтараш, домони фарроҳи хӯроки нисфирӯзиро сар надиҳед.*

# МАОРИФ – ПУЛИ ДӮСТӢ МИЁНИ ТОҶИКОНУ ӮЗБЕКОН

**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ЗИМНИ САФАРИ КОРӢ БА ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА ВА ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ РАҚАМИ 21 БА МАСЪАЛАЕ ТАВАҶҶУҲ НАМУДАНД, КИ НА ТАНҲО АҲАММИЯТИ ТАЪЛИМӢ, БАЛКИ МАЗМУНИ АМИҚИ ИҶТИМОӢ, ФАРҲАНГӢ ВА СИЁСӢДОРАД.**



*Дар акс: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, раиси шаҳри Турсунзода Акрамзода Парвиз, вазири маориф ва илми Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро ва директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 21 дар шаҳри Турсунзода Саодат Мустонова, 14 августи соли 2026*

Сарвари давлат ба масъулини соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ва шаҳр дастур доданд, ки бо назардошти эҳтиёҷи аҳолии ӯзбекзабони шаҳри Турсунзода муассисаҳои таълимии ӯзбекӣ бунёд карда, онҳоро бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ ба забони модариашон таъмин намоянд.

Дастури мазкур танҳо супориш барои бунёди чанд муассисаи таълимӣ набуда, моҳияти он фаротар аз бунёди бинои мактаб аст. Ин иқдом ифодаи равшани сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз миллату забон, фароҳам овардани шароит барои омӯзиши забони модарӣ ва рушди фарҳанги миллатҳои сокини кишвар мебошад.

## ВАҲДАТ АЗ ЭҲТИРОМИ ҲАМДИГАР ОҒОЗ МЕЁБАД

Тоҷикистон аз замонҳои қадим макони ҳамзистии халқу миллатҳои гуногун буд, ҳаст ва мемонад. Тоҷикону ӯзбекҳо тӯли асрҳо паҳлуи ҳам зиндагӣ карда, шодиву ғам, обу замин, расму оин ва дастовардҳои фарҳангиро бо ҳам дидаанд. Робитаҳои ин ду халқ танҳо муносибатҳои ҳамсоягӣ нестанд. Онҳо бо пайвандҳои хешутаборӣ, анъанаҳои муштарак ва арзишҳои маънавӣ устувор гардидаанд.

Дар чунин ҷомеа ваҳдати миллӣ танҳо бо шиор таъмин намешавад. Он замоне пойдор мегардад, ки ҳар шаҳрванд худро узви комилҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунад, забону фарҳангаш мавриди эҳтиром қарор гирад ва фарзандаш барои таҳсил ба забони модарии худ имконият дошта бошад.

Мактаб дар ин раванд нақши асосӣ дорад. Кӯдак нахустин мафҳумҳо – Ватан, дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва масъулияти шаҳрвандиро маҳз дар мактаб меомӯзад. Агар дар ин муҳит забон ва фарҳанги хонаводагии ӯ эҳтиром карда шавад, дар вуҷудаш эҳсоси эътимод ба давлат ва ҷомеа ташаккул меёбад.

Аз ин ҷиҳат, дастури Президент Эмомалӣ Раҳмон идомаи мантиқии сиёсати таҳаммулпазирӣ, инсондӯстӣ ва ҳамгироии ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Давлат бо чунин иқдом нишон медиҳад, ки гуногунрангии забон ва фарҳанг омили муттаҳидӣ ва сарвати маънавии кишвар аст.

## ҒАМХОРӢ БА ЗАБОН ҒАМХОРӢ БА ШАҲРВАНД АСТ

Забони модарӣ танҳо воситаи гуфтугӯ нест. Он хофизаи таърихӣ, тарзи тафаккур, ҷаҳони маънавӣ ва пайванди инсон бо гузаштагони худ аст. Маҳрум гардидани кӯдак аз имкони омӯзиши забони модарӣ метавонад робитаи ӯро бо фарҳанг ва мероси миллиаш заиф созад.

Аз ин рӯ, бунёди муассисаҳои таълимии ӯзбекӣ ва таъмини онҳо бо китобҳои дарсӣ ба забони модарӣ иқдоми одии маъмурӣ нест. Ин эътирофи амалии ҳуқуқи шаҳрванд ба ҳифзи забон ва фарҳанги миллати ӯзбек аст.

Фароҳам овардани чунин шароит ба рушди забон ва фарҳанги мардуми ӯзбек дар Тоҷикистон мусоидат мекунад. Он ҳамчунин ба фарзандони ӯзбекзабони кишвар имконият медиҳад, ки дар баробари омӯзиши амиқи забони модарӣ забони давлатии Тоҷикистонро хуб аз худ карда, ҳамчун шаҳрвандони ватандӯст ва соҳибмаърифат ба камол расанд.

Таҳсил ба забони модарӣ набояд монеи ҳамгироӣ бошад. Баръакс, инсон вақте забон ва фарҳанги худро хуб медонад, фарҳангу забони дигаронро низ бештар эҳтиром мекунад. Мактаби миллӣ бояд макони тарбияи инсони дорои ҷаҳонбинии васеъ, таҳаммулпазир ва содиқ ба Ватан бошад.

## ИБТИКОРИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНТИЗОРИҲОИ НЕК АЗ ӮЗБЕКИСТОН

Муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар солҳои охир ба марҳалаи сифатан нав ворид гардидаанд. Иродаи сиёсии роҳбарони ду давлат барои таҳкими дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ имкониятҳои фаровон ба вуҷуд овардааст. Дарҳои баста боз шуданд, робитаҳо баркарор гардиданд ва ҳамкориҳои фарҳангию маърифатӣ густариш ёфтанд.

Дар чунин фазои созанда иқдоми нави Президенти Тоҷикистон метавонад намунаи хуби эҳтироми мутақобил ба забон ва фарҳанги шаҳрвандони ду кишвар гардад.

Дар Ӯзбекистон низ аҳолии зиёди тоҷикзабон зиндагӣ мекунанд. Забони тоҷикӣ барои онҳо забони хонаводагӣ, муҳити фарҳангӣ ва пайванди зинда бо мероси чандинҳазорсолаи адабию маънавӣ мебошад. Онҳо шаҳрвандони Ӯзбекистонанд ва дар пешрафти давлату ҷомеаи худ саҳм мегузоранд. Аз ин рӯ, табиист, ки ба омӯзиши босифати забони модарӣ, дастрасӣ ба китобҳои дарсӣ, тарбияи омӯзгорон ва ҳифзи муҳити фарҳангии худ ниёз доранд.

Ин масъала набояд ҳамчун мавзуи баҳс ё муқобилгузорӣ матраҳ гардад. Баръакс, он метавонад ба майдони нави ҳамкорӣ ва эътимод табдил ёбад. Ғамхорӣ ба мактабҳои ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва дастгирии мактабҳои тоҷикӣ дар Ӯзбекистон ду иқдоми ҳамсонанд, ки барои таҳкими дӯстии мардумон хизмат мекунанд.

Тоҷикистон бо дастури ахири Сарвари давлат иродаи худро дар ин самт ба таври равшан нишон дод. Акнун умед меравад, ки дӯстони ӯзбеки мо низ ин ташаббусро ҳамчун паёми нек ва намунаи шоистаи ҳамсоягӣ пазируфта, барои таҳкими таълими забони тоҷикӣ, ҳифзу афзоиши мактабҳои тоҷикзабон, таъмини онҳо бо китобу маводи таълимӣ ва омода кардани омӯзгорони соҳибтахассус тадбирҳои бештар меандешанд.

Чунин муносибат даъват ба амали мутақобилан судманд ба идомаи ҳамон сиёсати дӯстонаест, ки роҳбарони ҳар ду давлат, президентҳои Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бунёд гузоштаанд. Вақте Тоҷикистон барои забону фарҳанги шаҳрвандони ӯзбекзабони худ шароит фароҳам меорад, дастгирии ҳамсон аз ҷониби Ӯзбекистон нисбат ба шаҳрвандони тоҷикзабонаш нишонаи адолат, фарҳанги баланди давлатдорӣ ва эҳтиром ба дӯстии ду халқ хоҳад буд.

## БАРНОМАИ МУШТАРАКИ МАКТАБ ВА КИТОБ

Дастури Президенти Тоҷикистон метавонад заминаи таҳияи як барномаи фарогири ҳамкории Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соҳаи маориф гардад. Дар доираи он метавон табодули китобҳои дарсӣ ва адабиёти бадеӣ, омода кардани омӯзгорон, ташкили курсҳои такмили ихтисос, вохӯриҳои муаллифони китобҳои дарсӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимиро роҳандозӣ намуд.

Ҳамчунин, таъсиси гурӯҳи муштараки кории соҳаи маориф барои омӯзиши эҳтиёҷоти мактабҳои ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва мактабҳои тоҷикӣ дар Ӯзбекистон ба манфиати ҳар ду ҷониб мебошад. Чунин гурӯҳ метавонад масъалаҳоро бидуни сиёсат, бо такя ба эҳтиёҷи воқеии хонандагон ва меъёрҳои педагогӣ баррасӣ намояд.

Ҳадаф набояд танҳо нигоҳ доштани номи мактаб бошад. Муҳим он аст, ки кӯдак воқеан ба забони модарӣ таълими босифат гирад, китобҳои нав дошта бошад, омӯзгораш аз усулҳои муосир истифода барад ва баъди хатми мактаб барои идомаи таҳсилу интихоби касб имконияти баробар пайдо кунад.

## МАКТАБ САФИРИ СУЛҲ АСТ

Дар ҷаҳоне, ки ихтилофҳои қавмию забонӣ баъзан ба омили нооромӣ табдил меёбанд, таҷрибаи эҳтиром ба гуногунрангӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Тоҷикистон, ки арзиши сулҳу ваҳдатро бо тамоми ҳастӣ дарк кардааст, таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистии миллатҳоро яке аз пояҳои суботи худ медонад.

Дастури Президенти Тоҷикистон дар бораи бунёди мактабҳои ӯзбекӣ ва таъмини онҳо бо китобҳои дарсӣ ба забони модарӣ маҳз аз ҳамин ҷаҳонбинӣ сарчашма мегирад. Ин иқдом ба ҳар шаҳрванди ӯзбекзабони Тоҷикистон паём медиҳад, ки забон, фарҳанг ва ояндаи фарзандонаш барои давлат муҳим аст.

Ҳамзамон, ин ташаббус паёми дӯстона ба Ӯзбекистон низ ҳаст, ки ҳуқуқҳои тоҷикону ӯзбекҳоро ба забон ва маърифат дар ҳар ду ҷониби сарҳад бо ғамхории баробар ҳифз намоянд. Бигузор мактабҳои ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва мактабҳои тоҷикӣ дар Ӯзбекистон на танҳо марказҳои таълим, балки пулҳои устувори дӯстӣ гарданд.

Дӯстии давлатҳо аз санадҳои расмӣ оғоз мешавад, аммо дар қалби мардум тавассути забон, фарҳанг ва мактаб пойдор мегардад. Ҳар китобе, ки кӯдак ба забони модариаш меҳонад, ҳар дарсе, ки эҳтироми миллатҳои дигарро меомӯзонад ва ҳар мактабе, ки дари худро ба рӯйи гуногунрангии фарҳангӣ боз мекунад, сармоягузорӣ ба сулҳ ва ояндаи муштарак аст.

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
**сармуҳаррири «Тоҷикистон»**

# 5 СОЛИ «ТОЛИБОН»

## Аз эътирози Ҷумъахони Фотеҳ то марги ҷавонзани тоҷик



Omid Radio (Social Media)

**15-УМИ АВГУСТ ҲУКУМАТИ "ТОЛИБОН" ДАР АФҒОНИСТОН 5-СОЛА ШУД. МАҲЗ ДАР ҲАМИН РӮЗИ СОЛИ 2021 ИН ГУРӮҲ НАЗОРАТИ КОМИЛРО ДАР АФҒОНИСТОН БА ДАСТ ОВАРДАНД. ДАР ҲОЛЕ, КИ ЯК ГУРӮҲ ДАР КОБУЛ ИН САНАРО БОШУКӮҲ ТАҶЛИЛ МЕКАРДАНД, НЕРӮҲОИ НИЗОМИИ ИН КИШВАР ДАР БАДАХШОН БО ФАРМОНДЕҲИ САРКАШ ҶУМЪАХОН ФОТЕҲ МУБОРИЗА МЕБУРДАНД.**

Чанд рӯз пеш Ҷумъахон Фотеҳ ва тарафдоронаш дар ноҳияи Нусайи Бадахшон, ки дар рӯ ба рӯйи ноҳияи Дарвози Тоҷикистон ҷойгир аст, ба муқобили нерӯҳои ҳукумати «Толибон» эътироз карда буданд. Барои боздошти ӯ «Толибон» шумораи зиёди нерӯҳои худро аз Кобул ва дигар минтақаҳо ба Бадахшон фиристодааст.

Фотеҳ қаблан дар як паёми аудиоӣ гуфта буд, ки нерӯҳои «Толибон» хонаҳои сокинони Нусайро кофтукоб карда, чанд нафарро, ба гуфтаи ӯ, бегуноҳ куштаанд. Аммо «Толибон» ин иддаоҳоро расман тасдиқ ё рад накардааст. 16-уми август пас аз муқовимати чандрӯза Ҷумъахон Фотеҳ, фармондеҳи нерӯзии гурӯҳи «Толибон» ва волии пешини вилояти Зобул ҳамроҳ бо афроди мусаллаҳи зери итоати худ дар вилояти Бадахшони Афғонистон аз муқовимат даст кашида, силоҳҳояшро ба нерӯҳои «Толибон» супурдааст.

Дар ин бора расонаҳои вобаста ба «Толибон» хабар дода, рӯзи 16-уми август наворҳое аз таслим шудани ӯро нашр карданд.

Вале бархӯрди Ҷумъахони Фотеҳ бо "Толибон" ба Тоҷикистон низ бетаъсир набуд. Рӯзи 13-уми август Ҷасминаи Ширинҷон (Ятимзода), сокини 21-солаи деҳаи Даштак дар ноҳияи Дарвоз аз тири "дайду"-и силоҳбадастон аз ҷониби Афғонистон кушта шуд. Ба гуфтаи манбаъҳои маҳаллӣ, ӯ аз шикамаш тир хӯрда, ҳангоми интиқол ба бемористон ҷон додааст. Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон рӯзи 14-уми август ба ҷониби Афғонистон ёддошти эътирозӣ ирсол карда, талаб кардааст, ки дахлнопазирии марзи давлатии Тоҷикистон риоя гардад ва барои пешгирии чунин ҳодисаҳо чораҳои муассир андешида шаванд.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба пайвандони Ҷасминаи Ширинҷон изҳори ҳамдардӣ намуда, дастур додааст, ки ба оилаи ӯ кумак расонида шуда, тарбияи кӯдаки хурдсолаш зери назорат гирифта шавад.

# «РОДИН» «ЯБЛОКО»-РО АЗ ИНТИХОБТ МАҲРУМ КАРД

**ДАР ОСТОНАИ ИНТИХОБОТИ ДУМАИ ДАВЛАТИИ РУСИЯ ҲИЗБИ «ЯБЛОКО» БА ЯКЕ АЗ МАВЗУҲОИ ПУРСАРУСАДО ТАБДИЛ ЁФТ. НАХУСТ НОМИ ҲИЗБ АЗ ИНТИХОБОТ ХОРИҶ ГАРДИД ВА БАЪДАН ЯКЕ АЗ МУОВИНОНИ РАИСИ ҲИЗБ 11 СОЛУ 1 МОҲ РАВОНАИ ЗИНДОН ШУД.**



### ХОРИҶ ШУДАН АЗ БЮЛЛЕТЕНИ ФЕДЕРАЛӢ

18-уми август Комиссияи марказии интихоботии Русия номи «Яблоко»-ро аз бюллетени овоздиҳӣ дар ҳавзаи федералӣ хориҷ кард. Қаблан ба ҳизб рақами 2 дар бюллетен дода шуда буд. Аммо ин тасмим ба маънои аз тамоми интихобот маҳрум шудани ҳизб нест. Қарори суд пеш аз ҳама ба рӯйхати федералии ҳизбӣ дахл дорад. Номзадҳои алоҳидаи «Яблоко», ки дар баъзе ҳавзаҳои якмандатӣ сабти ном шудаанд, метавонанд иштирокашонро идома диҳанд. Интихоботи Думаи давлатии Русия рӯзҳои 18-20-уми сентябри соли 2026 баргузор мешавад.

Парванда пас аз даъвои ҳизби «Родина» оғоз шуд. "Яблоко" ба нақзи қоидаҳои таблиғоти интихоботӣ, масъалаҳои ҳуқуқи муаллиф ва аз худ кардани "маблағҳои хориҷӣ" айбдор дониста мешавад. Раиси ҳизб Николай Рибаков иттиҳомотро рад мекунад.

### МУОВИН ЗИНДОНӢ ШУД

Ҳамон рӯзи 17-уми август Суди шаҳри Псков муовини раиси «Яблоко» Лев Шлосбергро ба 11 солу 1 моҳи равонаи зиндон кард. Додгоҳ Шлосбергро тибқи ду моддаи Кодекси ҷиноятии Русия -«дискредитатсияи Қувваҳои мусаллаҳ» ва «паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи фаъолияти артиши Русия» гунаҳкор донист. Ба иттилои «Интерфакс», яке аз мавридҳои парванда ба бознашри мақолаи рӯзномаи бритониёии Daily Mirror дар Telegram ва мавриди дигар ба видеои баҳси Шлосберг бо таърихшинос Юрий Пивоваров марбут будааст. Худи Шлосберг гуноҳро эътироф накарда, муроФиаро сиёсӣ номидааст. Ӯ дар сухани охирини худ боз ҳам ҷонибдории худро аз оташбас ва қатъи ҷанг дар Украина баён кард. Ҳизби «Яблоко» ҳукмро шадидан танқид карда, эълон намуд, ки аз болои он шикоят хоҳад бурд. Мавриди зикр аст, ки моҳи июн муовини дигари раиси ҳизб Максим Круглов низ зиндонӣ шуда буд.



### «ЯБЛОКО» ЧӢ ҲИЗБ АСТ?

«Яблоко» аз ҳизбҳои қадимии либералии Русия буда, имрӯз дар Думаи давлатӣ намоянда надорад. Дар маъракаи интихоботии соли 2026 ин ҳизб бо шиори сулҳ баромад карда, қатъи оташ, музокироти дипломатӣ ва пешгирӣ аз густариши ҷангро аз нуктаҳои асосии барномаи худ қарор додааст.



# НАМОЯНДАГОНИ СОДИРОТИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР 25 КИШВАРИ ҶАҲОН

**ӮЗБЕКИСТОН ТАСМИМ ГИРИФТААСТ ДАР 25 КИШВАРИ ҶАҲОН НАМОЯНДАГОНИ МАХСУСИ СОДИРОТӢ ТАЪИН КУНАД, КИ БА ШИРКАТҲОИ МАҲАЛЛӢ БАРОИ ВОРИД ШУДАН БА БОЗОРҲОИ ХОРИҶӢ ВА ГУСТАРИШИ ФУРӮШИ МАҲСУЛОТ КУМАК ХОҲАНД КАРД.**

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ин ташаббусро рӯзи 18-уми август зимни мулоқоти ошкор бо соҳибкорон эълом кард.

Тибқи нақша, 20 кишваре интихоб шудаанд, ки тақрибан 60 дарсади ҳаҷми содироти Ӯзбекистон ба онҳо рост меояд. Панҷ бозори дигар ҳамчун самтҳои ояндадори содиротӣ муайян шудаанд.

«Сафирони содиротӣ» аз миёни соҳибкороне интихоб хоҳанд шуд, ки ба бозори кишвари дахлдор бештар маҳсулот содир мекунанд. Ҳукумати Ӯзбекистон ният дорад хароҷоти сафар ва иқомати онҳоро ҷуброн кунад.

Мақомоти кишвар ҳамчунин барои содиркунандагон як қатор имтиёзҳои нав пешбинӣ кардаанд. Аз ҷумла, ширкатҳои ӯзбекӣ метавонанд содироти маҳсулотро идома диҳанд, ҳатто агар маблағи интиқоли қаблӣ ҳанӯз ба онҳо ворид нашуда бошад.

Ҳамзамон, талаботи пардохти пешакии 50-фоиза ҳангоми таҳияи инвойс бекор карда мешавад. Мухлати ворид шудани даромади асъорӣ барои ширкатҳое, ки тавассути хонаҳои савдо ва дистрибюторҳо фаъолият мекунанд, то 365 рӯз дароз карда хоҳад шуд.

Тағйирот ҳамчунин қарзҳои мухлатгузаштаи марбут ба амалиёти содиротиро дар бар мегирад. Тибқи қарори пешниҳодшуда, то охири соли ҷорӣ маблағе, ки соҳибкор барои пардохти чунин қарз ба суратҳисоби бонкӣ ворид мекунад, ҳамчун даромади содиротӣ ҳисоб карда мешавад.

Мақомоти Ӯзбекистон мегӯянд, ки ин тадбирҳо бояд ба ширкатҳои маҳаллӣ барои пайдо кардани шарикони нав, ворид шудан ба шабакаҳои тиҷоратии хориҷӣ ва гирифтани сертификатҳои зарурӣ мусоидат кунанд.

# ФИРОРИ ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН АЗ ИМА

**ЯК ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН, КИ ДАР АМРИКО БАРОИ КУШТОРИ СОҲИБХОНААШ ГУНАҲКОР ДОНИСТА ШУДА БУД, ҲАНГОМИ РУХСАТИИ МУВАҚҚАТӢ АЗ БЕМОРХОНАИ РАВОНӢ БЕРУН ШУДА, БА ДУШАНБЕ РАФТААСТ.**

Ба иттилои Fox5, Абдулло Тошпӯлодзода соли 2019 барои куштор гунаҳкор дониста шуда, бинобар бемории рӯҳӣ доштан дар беморхонаи Вирҷинияи Шимолӣ нигоҳдорӣ мешуд.

Бар асоси санадҳои расмӣ, ӯ 6 июл аз фурудгоҳи «Даллас» тавассути Истанбул ба Душанбе парвоз кардааст. Билет яктарафа буда, эҳтимол шахси дигар онро харидорӣ кардааст. Маълум нест, ки Тошпӯлодзода ҳоло дар куҷост ва мақомоти Тоҷикистон қазияро пайгирӣ мекунанд ё не.




# НАФТ АЗ ЭРОН

## мушкили сӯзишвории Тоҷикистонро ҳал мекунад?

**ДУШАНБЕ ВА ТЕҲРОН МАСЪАЛАИ ТАҲВИЛИ МАҲСУЛОТИ НАФТИИ ЭРОН БА ТОҶИКИСТОНРО БАРРАСӢ КАРДАНД. СУХАН НА ТАНҲО ДАР БОРАИ БЕНЗИН Ё ДИЗЕЛ, БАЛКИ ДАР БОРАИ СӮЗИШВОРИИ ҲАВОПАЙМОӢ, НАФТИ ХОМ ВА ҲАТТО ТАҲИЯИ ҚАРОРДОДИ ДАРОЗМУДДАТИ ЭНЕРГЕТИКӢ МЕРАВАД. МУЗОКИРОТИ ҲАЙАТИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН 15-УМИ АВГУСТИ СОЛИ РАВОН ДАР ШАҲРИ ТЕҲРОН ДОИР ШУД. ИН ДАР ҲОЛЕСТ, КИ МОҲҲОИ ОХИР ДАР ТОҶИКИСТОН СӮЗИШВОРӢ ҲАМ ГАРОН ВА ҲАМ ДАР БАЪЗЕ МИНТАҚАҲО КАМЧИН ШУД.**

### БУҲРОНИ СӮЗИШВОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Тобистони соли равон бозори сӯзишвории Тоҷикистон ба як ҳолати ғайриодӣ рӯ ба рӯ шуд. Нархи дизел, ки барои нақлиёти боркаш, мусофиркашонӣ ва махсусан кишоварзӣ хеле муҳим аст, дар як муддати кӯтоҳ ба таври назаррас боло рафт.

Дар моҳи июн нархи як литр дизел дар баъзе нуктаҳои фурӯш тақрибан аз 9,60 сомонӣ ба 13,50 сомонӣ расид. Дар моҳи июл бошад, тибқи маълумоти Хадамоти зиддиинҳисорӣ, нархи дизел нисбат ба аввали сол 54 дарсад зиёд шуда, дар баъзе нуктаҳои Душанбе аз 17 сомонӣ ҳам гузашт. Бензин низ тақрибан 26 дарсад гарон шуд.

Ба гуфтаи мақомоти дахлдори кишвар, сабаби асосӣ тағйирот дар бозори Русия ва зарба ба корхонаҳои коркарди нафти ин кишвар будааст. Тавре маълум аст, Русия то кунун таъминкунандаи асосии Тоҷикистон бо маҳсулоти нафтӣ мебошад. Бино ба маълумоти оморӣ, дар нимсолаи аввали соли 2026 тақрибан 91 дарсади маҳсулоти нафтӣ ба Тоҷикистон аз Русия ворид шудааст. Яъне, ин вобастагӣ нишон медиҳад, ки ҳар мушкили калон дар занҷираи таъминоти Русия ба нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ дар Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ё дигар манотиқи Тоҷикистон таъсир мерасонад. Албатта, дар чунин вазъ масъалаи ҷустуҷӯйи таъминкунандагони дигар танҳо масъалаи ихтиёрӣ нест.

Вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа 10-уми июл гуфта буд, ки кишвар барои тақрибан 60 рӯз захираи маҳсулоти нафтӣ дорад. Ҳамзамон, ӯ гуфт, ки бо чанд кишвари дигар барои воридоти сӯзишворӣ гуфтушунид идома дорад. Баъдан, ҳатто Тоҷикистон масъалаи воридоти маҳсулоти нафтӣ аз Чинро низ баррасӣ кард. Дар ростои буҳрони сӯзишворӣ музокироти Теҳрон ва Душанбе ба миён омад. Акнун Тоҷикистон мехоҳад вобастагиро аз як манбаи асосӣ кам кунад. Акнун савол ба миён меояд, ки чаро маҳз Эрон барои Тоҷикистон алтернативаи дигар барои воридоти маҳсулоти сӯзишворӣ шуд?

Ба андешаи коршиносон, Эрон яке аз кишварҳои бузург дар истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ аст. Барои Эрон бозори Тоҷикистон аз чиҳати ҳаҷм шояд бозори азим набошад. Аммо барои густариши ҳузури иқтисодии Эрон дар Осиёи Марказӣ аҳаммият дорад. Барои Тоҷикистон бошад, Эрон манбаи эҳтимолии иловагии маҳсулоти нафтӣ аст.

Албатта, дар масъалаи сӯзишворӣ музокироти ду кишвар аз соли 2026 оғоз нашудааст. Ҳанӯз дар мулоқоти гузаштаи вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа бо вазири нафти Эрон Муҳсин Покнажод воридоти нафти хом ва маҳсулоти нафтӣ ба Тоҷикистон баррасӣ шуда буд. Далер Ҷумъа гуфта буд, ки қисми назарраси талаботи Тоҷикистон ба нафти хом ва маҳсулоти нафтӣ тавассути воридот таъмин мешавад. Ӯ таъкид бар он дошт, ки ширкатҳои эронӣ дар бозори Тоҷикистон фаъолтар шаванд.




Ҳамчунин, Далер Ҷумъа гуфта буд, ки оғози тиҷорати нафти хом ва маҳсулоти нафтӣ метавонад гардиши тиҷоратии ду кишварро ба таври назаррас зиёд кунад.

### АЗ БЕНЗИН ТО НАФТИ ХОМ

Дар музокироти охир байни Тоҷикистону Эрон баррасии масъала боз васеътар шуд. 15-уми августи соли равон расонаҳои Эрон, аз ҷумла хабаргузории ИРНА аз таҳияи қарордоди дарозмуддат миёни ду кишвар дар соҳаи энергетика хабар доданд. Дар маркази музокирот содироти маҳсулоти нафтии Эрон ба Тоҷикистон ва таъмини нафти хом барои корхонаҳои коркарди Тоҷикистон қарор дорад.

Вазири нафти Эрон Муҳсин Покнажод пас аз дидору мулоқот бо ҳайати Тоҷикистон чунин изҳор доштааст: «Бахши умдаи гуфтушуниди мо мутамарказ ба имкони содироти маҳсулоти фароянди нафти мазут буд, то тавонем бахше аз масоил ва мушкилотеро, ки кишвари дӯсту бародари мо - Тоҷикистон дар ин ҳавза, дар ин авохир мувоҷеҳ шудааст, бартараф намоем».

Вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа низ пас аз мулоқот бо ҳамтои эронии худ изҳор дошт, ки дар ҳамин рӯзҳои тамоми ҷаҳон ба мушкили энергетикӣ рӯ ба рӯ шудааст, махсусан Тоҷикистон мо кӯшиш карда истодаем, ки маҳсулоти сӯзишвориро аз Эрон ба Тоҷикистон зиёд намоем.

«Масоили логистикиро низ баррасӣ намудем»,- таъкид дошт Далер Ҷумъа.

Вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим бо ишора ба ҳаҷми феълии воридоти сӯзишвории Эрон ба Тоҷикистон изҳор дошт, ки байни Тоҷикистон ва Эрон ҳудуди 800 ҳазор тонна маводи сӯхт ҳамлу нақл мешавад.

«Аммо баъди гуфтушунидҳои имрӯз гурӯҳи корӣ ба кор шурӯъ мекунад ва ин ҳаҷм ба маротиб зиёд мешавад. Бинобар ин, мо роҳҳои интиқоли воридоти нафтро низ ҷустуҷӯ дорем»,- гуфт Азим Иброҳим 15-уми август дар шаҳри Теҳрон.

Воқеан, агар созиш байни Тоҷикистону Эрон ба марҳилаи иҷро расад, масъала танҳо таъмини бозор дар ҳолати камчинӣ наҳоҳад буд. Яъне, сухан дар бораи низоми доимии таҳвили маҳсулоти нафтӣ меравад.

Қаблан вазири нафти Эрон Муҳсин Покнажод таъкид карда буд, ки ширкатҳои эронӣ барои фаъолият дар бозори энергетикии Тоҷикистон омода ҳастанд.

(Давомаш дар саҳ. 8)

## БАРОИ СОХТМОНИ “РОҒУН” ЧӢ ҚАДАР МАБЛАҒ ЛОЗИМ АСТ?

**- Барои пурра ба охир расонидани сохтмони Нерӯгоҳи барқи обӣ (НБО)-и “Роғун” ба Тоҷикистон боз тақрибан $5,8 млрд зарур аст,- гуфта мешавад дар гузориши нави Агентии байналмилалии раддабандиии S&P Global Ratings. Ин ниҳод гуфтааст, ки корҳои сохтмонӣ соли 2035 комилан ба анҷом мерасанд.**

Арзёбии нав нисбат ба рақамҳое, ки S&P қаблан пешниҳод карда буд, камтар аст. Моҳи феврали соли 2026 он хароҷоти боқимондаро тақрибан $6 млрд ва моҳи августи соли 2025-ум $6,4 млрд арзёбӣ карда буд. Аммо ин маънои онро надорад, ки хазинаи бунёди НБО “Роғун” камтар шудааст: сухан дар бораи пуле меравад, ки ҳанӯз барои анҷоми лоиҳа харҷ кардан лозим аст. Бо иҷро ва пардохти корҳои сохтмонӣ ин маблағ тадриҷан коҳиш меёбад.

Дар ҳамин ҳол, вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода моҳи июли соли ҷорӣ дар нишасти матбуотӣ дар Душанбе изҳор дошт, ки маблағи ниҳоиро танҳо пас аз анҷоми сохтмон метавон муайян кард.

## ТОҶИКИСТОН 200 МИЛЛИОН ДОЛЛАР ҚАРЗ МЕГИРАД

**Сандуқи авруосиёии суботу рушд барои дастгирии буҷети давлатии Тоҷикистон ба кишвар 200 миллион доллар қарз медиҳад. Созишномаи дахлдор 13-уми август дар Душанбе аз ҷониби вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода ва роҳбари сандуқ Ярослав Мандрон имзо шуд.**

Маблағ дар се марҳила ҷудо мешавад: марҳилаи аввал 100 миллион ва ду марҳилаи баъдӣ 50-миллиондолларӣ. Ба гуфтаи Вазорати молия, қарз барои таъмини устувории молияи давлатӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ равона мегардад. Муҳлати маблағгузорӣ 20 сол буда, 10 соли аввал даврai имтиёзнок ва меъёри фоиз 1 дарсад дар як сол мебошад.

Ин аввалин қарзи ФАОСР барои дастгирии буҷети давлатии Тоҷикистон гуфта мешавад.

# ҚАЛАМ БОЯД ВАСЛ КУНАД, НА ФАСЛ

(Посух ба матлаби «Агар хомӯш биншинам, гуноҳ аст» - и ҷаноби эшони Абдусаттор Бобоев)

**БА ҶОЙИ ПЕШГУФТОР**

*Порча аз китоби «Президент: аз Хусдеҳ то Сингапур», ки дар сомонаи Pressa.tj ва дигар расонаҳову шабакаҳои иҷтимоӣ ба нашр расид, мавриди таваҷҷуҳ ва пазироиш садҳо ҳазор хонандагон қарор гирифт. Ин истиқболи густурда нишон дод, ки ҷомеа ба шинохти воқеаҳои сарнавиштсози таърихи навини Тоҷикистон, бахусус раванди сулҳу ваҳдати миллӣ таваҷҷуҳи амиқ дорад.*

*Дар баробари ин, ашхосе низ пайдо шуданд, ки вобаста ба гароишу ҷаҳонбинии худ, ҳанӯз бо муҳтаво, сохтор ва асноди китоб ба таври комил ошно нашуда, ба изҳори назар пардохтанд. Бархе аз ин гуфтаҳо на бар далелу санад, балки бар эҳсос, гумон ва пешдоварӣ асос ёфта, ба қавли мардум, тарошаи аз бом афтодаро мемонданд.*

*Навиштаи мазкур посух ба ҳамин гуна доварихои шитобзада аст. Ҳадаф радду бадали эҳсосотӣ ё баҳси беҳосил нест, балки равшан кардани ҳақиқат, пешниҳоди далелҳо ва даъват ба мутолиаи мунсифонаи китобест, ки бар пояи аснод, шаҳодати иштирокдорони рӯйдодҳо ва мушоҳидаҳои муаллиф таълиф шудааст.*

> **ИН ОДАМ (МАНЗУР ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН,- Ҳ.Ш.) АЗ ҲАМА ЧИЗАШ ГУЗАШТ, АЗ ҲАМААШ, АЗ КОМАНДИРҲОЯШ ГУЗАШТ, АЗ БАЪЗЕ РОҲБАРОНИ СИЁСИЕ, КИ ДАР АТРОФАШ БУДАНД, ГУЗАШТ, ҲАТТО ДАР БАЪЗЕ МАВРИДҲО АЗ ҶОНАШ ГУЗАШТ.**

**Ҷаноби эшони**
**Абдусаттор Бобоев!**

Матлабатонро бодиққат хондам ва ҳадафатонро дарёфтам. Дуруст аст, ки ба устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ эҳтиром мегузоред, барои ҳифзи хотираи таърихии он давра талош меварзед. Агар чунин бахсҳо бо эҳтиром ва дур аз таҳқиру айбҷӯӣ сурат гиранд, метавонанд барои дарки дурусти таърихи пурпечутоби солҳои ҷанг ва сулҳ муфид бошанд.

Вале, мутаассифона, баъзан дарро мезанӣ, девор мекафад.

Агар бодиққат "Муколамаи Аҳмадшоҳи Масъуд бо Абдуллоҳи Нурӣ"-ро мутолиа мекардед, дармеёфтед, ки ҳадафи Ҳамдампур паст задани нақши Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ё бузург нишон додани нақши як тараф бар ҷониби дигар нест.

Сулҳ натиҷаи иродаи ҳар ду ҷониб буд. Агар иродаи ҷонибҳои даргир барои қатъи ҷанг ва расидан ба созиш намебуд, ҳеҷ миёнаравӣ ва ҳеҷ ҳуҷҷате наметавонист сулҳро дар кишвар барқарор созад.

Дар ҳар музокироти сиёсӣ, бахусус баъди як ҷанги тӯлонӣ, тарафҳо талабот, нигарониҳо ва пешниҳодҳои худро доранд. Мақсади музокирот ҳамин аст, ки ҷонибҳо талаботи худро ба миён мегузоранд, баҳс мекунанд, гузашт менамоянд ва ниҳоят ба мақсад мерасанд. Аз ин рӯ, зикри як баҳс, баёни мавқеи эҳтимолӣ дар рафти музокирот маънои айбдор кардани яке аз тарафҳоро надорад.

Агар шумо моҳияти матлабро дарк мекардед, мефаҳмидед, ки "Муколамаи Аҳмадшоҳи Масъуд бо Абдуллоҳи Нурӣ" тадқиқоти илмии таърихи музокироти сулҳ нест. Он як бахши кӯчаки асари публисистист, ки ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон иншо шудааст.

Бештар аз он, бояд дармеёфтед, муаллиф дар он даъво надорад, ки санадҳои раванди сулҳро аз нав таҳлил кардааст ё таърихи комили музокиротро навиштааст.

Баръакс, дар ин қисмат воқеаҳо бо услуби сода, равон ва барои хонанда дастрас ба риштаи тасвир кашида шудаанд. Асоси ин тасвирҳоро гуфтаҳо ва шаҳодати ашхосе ташкил медиҳанд, ки дар музокирот ҳузур доштанд ва шоҳиди бевоситаи рӯйдодҳо буданд.

**Ҷаноби эшони**
**Абдусаттор Бобоев!**

Гумон накунед, ки муаллиф ба чунин мавзуи ҳассос, ки паси ҳар сатри он сарнавишти ҳазорон инсонҳо ва хотираи як давраи пурдарди таърих меистад, бе такя ба аснод, шаҳодати шоҳидон ва гуфтаҳои иштирокдорони бевоситаи воқеа даст задааст. Баръакс, ҳар андеша ва ҳар саҳнаи ин бахш бар асоси маълумоти шоҳидон ва иштирокдорони он рӯйдодҳо таҳия шудаанд.

Агар шумо воқеан шоҳиди бевоситаи музокироти Хусдеҳ мебудед, беҳтарин посух ин мебуд, ки мушоҳидаҳо, хотираҳо ва далелҳои худро пешкаши хонандагон мекардед. Аммо воқеият чунин аст, ки он замон, ба қавли устод МирзоТурсунзода:

Солҳое, ки ман ҷавон будам,
Бехабар аз гапи ҷаҳон будам,

шумо ҳам ҷавон будед, дар як гӯшаи ноҳияатон зиндагӣ мекардед ва аз он чӣ пушти дарҳои музокироти Хусдеҳ мегузашт, табиист, ки огоҳӣ надоштед ва огоҳӣ ҳам дошта наметавонистед.

Аз ҳамин ҷост, ки бе пешниҳоди шаҳодати мустақим ё санади радкунанда, чун тарошаи аз бом афтода вориди баҳс шуда, мехоҳед тамғаи "дурӯғ"-ро бар пешонии муаллиф бизанед.

Шумо як чизро нодида гирифтед, ки хонандаи имрӯз хонандаи солҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ нест. Ӯ дигар ҳар иддаоро танҳо ба хотири баланд садо доданаш қабул намекунад, мепурсад, ки санад куҷост, шоҳид кист, далел чист?

Пас, агар делел доред, рӯйи миз гузоред. Агар шаҳодате доред, бигӯед. Агар санаде доред, пешниҳод кунед.

Таърих бо тамға навишта намешавад, таърих бо далел санҷида мешавад.

Аммо бо он ки матлаб ба тасаввур ё назари шумо мувофиқ нест, онро "дурӯғи шоҳдор" номидан, на роҳи тадқиқи таърих асту на ба меъёрҳои ахлоқи инсонӣ ва масъулияти нависандагӣ созгор.

Ба матлаб бояд бо далел посух гуфт, на бо задани тамға бар муаллиф.

Шумо дар матлабатон ба шумораи зиёди мулоқотҳои Президенти Ҷумурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ишора карда, таъкид мекунед, ки ҳар ду роҳбар борҳо рӯ ба рӯ нишаста, барои ёфтани роҳи мувофиқ кӯшиш карданд.

Ин нукта ҷолиб аст. Зеро ман ҳам маҳз ҳаминро таъкид мекунам, ки сулҳи тоҷикон кори як нафар набуд.

Дар ин сулҳ саҳми Президент Эмомалӣ Раҳмон, Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ҳайатҳои музокиракунанда, аъзои Комиссияи оштии миллӣ, миёнаравони байналмилалӣ, кишварҳои кафил ва бисёр шахсони дигар, ки иштирок доштанд, калон аст.

Аммо шумо хоҳиши дарки онро надоред ё донистан намехоҳед, ки асари мавриди баҳс мавзуи мушаххас дорад: нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рӯйдодҳои сарнавиштсози таърихи навини Тоҷикистон дар масири 35 сол.

Аз ин рӯ, табиист, ки дар он таваҷҷуҳ бештар ба амал, тасмим ва фаъолияти Президент равона шудааст. Ин ба ҳеҷ ваҷҳ маънои инкор ё кам кардани нақши дигаронро надорад.

Эҳтиром ба Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва саҳми ӯ дар сулҳи тоҷикон ҷойи баҳс надорад. Ман ҳам борҳо дар матлаб таъкид кардаам, ки сулҳ натиҷаи иродаи ҳар ду ҷониб буд.

Вале шумо бо як мантиқи ба худатон хос даъво мекунед, ки нақши Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар расидан ба сулҳ дар мақоми аввал қарор дорад. Мегӯед: "Аввал қаҳрамони сулҳ Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аст, ки агар намехост, ҳеҷ сулҳе ба даст намеомад".

Бале, агар ӯ намехост, сулҳ душвор буд.

Аммо суоли ман ин аст:

- Агар ҷониби дигар намехост, магар сулҳ мешуд?

Сулҳ маҳз барои он ба даст омад, ки иродаи ду ҷониби даргир дар як нуктаи сарнавиштсоз ба ҳам расид.

Шумо бо ин навишта, ногаҳона, ба Сайид Абдуллоҳи Нурӣ хизмати хирсона мекунед. Зеро худи ӯ борҳо аз аҳаммияти ибтикор ва талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳ ёд кардааст. Ба ютубканал назар кунед ва суханронии Сайид Абдуллоҳи Нуриро дар конфронси дар шаҳри Кӯлоб баргузоргашта гӯш кунед. Ӯ мегӯяд:

"... Ман заҳматҳои ба вуҷуд омадани сулҳ ва татбиқи сулҳро дарҷ мекунам. Ин одам (манзур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон,- Ҳ. Ш.) аз ҳама чизаш гузашт, аз ҳамааш, аз командирҳояш гузашт, аз баъзе роҳбарони сиёсие, ки дар атрофаш буданд, гузашт, ҳатто дар баъзе мавридҳо аз ҷонаш гузашт.

Ман мардам, мардро таъриф мекунам. Дар он Хусдехе, ки оғои Раҳмонов рафта буд, ҷигар даркор буду худгузаштагӣ, бояд одам аз ҷонаш мегузашт, то он ҷо мерафт... Вале ин одам ба хотири сулҳ, ба хотире, ки боз мардум даври ҳам ҷамъ шаванд, ҳамин кора кард... (Айнан, бе таҳрир).

Аммо шумо имрӯз мехоҳед саҳми сулҳоваронро ба тарозу гузошта, Сайид Абдуллоҳи Нуриро "қаҳрамони рақами 1" ва мантиқан, Президентро "қаҳрамони рақами 2" эълон кунед?

Саволи одӣ ба миён меояд: кӣ ба шумо чунин салоҳияти таърихӣ додааст? Кӣ ҳақ додааст саҳми шахсиятҳоеро, ки барои сулҳ даст ба ҳам дода буданд, рақамгузорӣ кунед?

Сулҳ магар мусобиқа буд, ки барои сулҳоваронаш ҷойи якуму дуюм муайян мекунед?

Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ниёз ба пуштибонии шумо надорад, Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин. Онҳо рақибони минбари ифтихор набуданд, ду ҷониби ҷанге буданд, ки оқибат барои наҷоти як Ватан ба ҳам омаданд.

Агар дар матн нақши Аҳмадшоҳи Масъуд таъкид шудааст, сабаб он аст, ки муаллиф ин воқеаро аз забони шоҳидони музокирот шунида, ба хонанда бозгӯ кардааст. Шумо онро инкор кардан мехоҳед?

Бо кадом далел?

Магар дар музокирот ширкат доштед?

Шояд шумо ин воқеаро дигар хел медонед. Ин ҳаққи шумост. Шоҳиди дигар низ метавонад онро бо ҷузъиёти дигар ба ёд оварад. Баъди сӣ сол чунин фарқ дар хотираи одамон табиист. Аммо фарқ доштани хотираҳо ҳанӯз ба касе ҳақ намедиҳад, ки гуфтаи дигареро бе далел "дурӯғ" ва муаллифро "дурӯғгӯ" эълон кунад.

Шумо менависед, ки Ҳамдампур нисбат ба Устод Нурӣ "тӯҳмату бӯҳтон" кардааст. Агар чунин аст, ҳамон як ҷумларо иқтибос кунед. Чунин ҷумла дар матни Ҳамдампур ҷой надорад. Мантиқан бармеояд, ки шумо таҳриф, тухмат мекунед.

Хусусан, вақте ки шумо эшони Абдусаттор, ба Қуръони шариф истинод мекунед, набояд фаромӯш кунем, ки Худованд мефармояд:

"Ва касоне, ки мардону занони муъминро бе он ки коре карда бошанд, меозоранд, ба дурустӣ, бори бухтон ва гуноҳи ошкореро бар дӯш гирифтаанд". (Сураи Азхоб, ояти 58).

Ман ба шахсияти Сайид Абдуллоҳи Нурӣ эҳтиром дорам ва дар матлаб низ ин эҳтиромро нигоҳ доштаам. Ҳадафи ман аз нав навиштани таърих ба нафъи касе ва ё камранг нишон додани саҳми яке ба хотири бузург нишон додани дигаре нест. Ҳадафам ҷамъоварӣ ва бозгӯи хотираҳо, шаҳодатҳо ва мушоҳидаҳои одамонест, ки дар яке аз душвортарин ва сарнавиштсозтарин марҳилаҳои таърихи кишвар ҳузур доштанд.

Ҳамзамон мехоҳам нозукиҳо ва паҳлуҳои камтар гуфташудаи таҷрибаи сулҳи тоҷикон, таҷрибаеро, ки берун аз Тоҷикистон низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, то ҳадди имкон дарёфт ва дастраси хонанда гардонам. На барои он ки захмҳои кӯҳна боз шаванд, балки барои он ки насли имрӯз ва фардо бидонанд, ки ҷанг чӣ гуна оғоз мешавад, сулҳ бо чӣ машаққат ба даст меояд ва барои ҳифзи он чӣ қадар хирад, сабр, гузашт ва ирода лозим аст.

Бояд аз он давра сабақ гирифт, то он фоҷиа дигар ҳаргиз такрор нашавад.

Рисолати мо имрӯз бояд ҳифзи рӯҳи ҳамон оштӣ бошад, на аз нав кашидани хати ҷудоӣ миёни тарафҳое, ки роҳи сулҳро интихоб карданд.

**Ҷаноби эшони Абдусаттор Бобоев!**

Як чизро эҳтиромона хоҳиш мекунам: дар баҳси таърихӣ аз нисбат додани сифатҳое чун "дурӯғгӯ", "тамаллуккор" ё "сияҳном" ба дигарон, агарчи шояд чунин шеваи баҳс барои шумо одат шуда бошад, худдорӣ кунед. Ин на танҳо аз доираи ахлоқи инсонӣ ва исломие, ки худ аз он ёд мекунед, берун меравад, балки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун метавонад оқибати ҳуқуқӣ низ дошта бошад. Озодии баён маънои озодии таҳқир ё паҳн кардани маълумоти беасосеро, ки ба шаъну эътибори инсон осеб мерасонад, надорад.

Мо ҳама дар бораи як даврае сухан мегӯем, ки миллат захми бисёр бардошт. Беҳтар аст имрӯз ба ҷойи он ки якдигарро ба дурӯғгӯӣ муттаҳам кунем, кӯшиш намоем вокеият, хотираҳо ва санадҳои мавҷудро рӯйи миз гузорем.

Итминон дорам, дастфишории ду шахсият аз ҳар гуна баҳс муҳимтар аст. **Зеро дастони ин ду шахсият рамзи ба ҳам омадани ду ҷониби дигар ва умеди миллати пора-пора шуда ба сулҳ буд.**

Аз ин рӯ, аҳаммияти Хусдеҳ танҳо бо як мулоқот ё як санади сиёсӣ маҳдуд намешавад. Паёми он барои тамоми тоҷикон, новобаста аз он ки дар кадом гӯшаи ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, як аст:

Зеро сулҳ пирӯзии як тараф бар тарафи дигар набуд, пирӯзии Тоҷикистон бар ҷанг буд.

**Ҷаноби эшони Абдусаттор Бобоев!**

Меҳоҳам посухамро бо ҳамон ояте анҷом диҳам, ки шумо матлабатонро бо он оғоз кардед:

"Нун. Савганд ба қалам ва он чӣ менависанд". (Сураи Қалам, ояти 1).

Дуруст мефармоед: қаламе, ки Худованд ба он савганд ёд кардааст, амонат аст. Аммо ин амонат танҳо бар дӯши муаллифи матлаб нест, бар дӯши ҳар касест, ки қалам ба даст мегирад, менависад, доварӣ мекунад ва дигареро ба "дурӯғгӯӣ", "тамаллуккорӣ" ё "сияҳномӣ" муттаҳам месозад.

Пас, қабл аз он ки чунин сифатҳоро ба дигаре нисбат диҳед, хуб мебуд андеша кунед, ки мабодо ин гумонҳо, ки аз зеҳни шумо сарчашма мегиранд, ба худатон тааллуқ надошта бошанд?

Ва агар ба қалам савганд ёд шудааст, пас, бигзор қалам кӯпруке миёни дилҳо бошад, на сангаре миёни онҳо.

**Шариф ҲАМДАМПУР**

Порча аз китоби Шариф ҲАМДАМПУР:

# ПРЕЗИДЕНТ: АЗ ХУСДЕҲ ТО СИНГАПУР



# ХУСДЕҲ
## сафаре, ки роҳи ҷангро баст

**(Идома аз шумораи гузашта)**

Дар хона сукути вазнин ҳукмфармо шуд. Аҳмадшоҳи Масъуд ба атроф нигариста, оромона, вале бо қатъият гуфт:

– Ин роҳ нодуруст аст. Сулҳ барои тақсим кардани вазифа нест. Сулҳ барои нигоҳ доштани давлат, якпорчагии миллат аст.

Касе чизе нагуфт. Ҳатто онҳое, ки то чанд лаҳза пеш баҳс мекарданд, сар ба зер афканданд.

Президент аз дур шоҳиди ин манзара буд.

Дар он лаҳза ӯ бори дигар дарк намуд, ки баъзан барои пеш бурдани музокирот на сухани сиёсатмадор, балки сухани касе лозим мешавад, ки ҷангро бо тамоми талхиаш чашидааст.

Аҳмадшоҳи Масъуд аз толор берун рафт, музокира дубора давом ёфт. Аммо ин дафъа оҳанги он дигар буд.

### ҒАЛАБАИ МУЛОҲИЗА БАР ГУФТОР

Дар паси дари баста боз сукут ҳукмфармо гашт. Президент ва Абдуллоҳи Нурӣ рӯ ба рӯйи ҳам қарор гирифтанд. Дар миёни онҳо мизи чӯбин мейстод. Рӯйи миз чанд варақи дастнавис, як чойник чой буд, ки буғ аз ҷумакаш намебаромад. Дар паси тиреза шамоли тирамоҳ баргҳои зардро бозӣ медоронд.

Ҳар ду муддате чизе нагуфтанд. Баъзан сукут аз сухан дида бори бештари маънӣ мекашад. Ин ҳамон сукут буд. Ҳар ду медонистанд, ки агар ин музокира мисли бисёре аз мулоқотҳои пешина бенатиҷа анҷом ёбад, шояд дигар чунин имконият фароҳам наояд.

Дар берун ҳайатҳои расмӣ, намояндагони Созмони Милали Муттаҳид, рӯзноманигорон чашминтизори анҷоми музокира буданд.

Президент оҳиста аз ҷой бархост. Чанд қадам ҷониби тиреза монда, аз пушти шиша ба кӯҳҳои хомӯш нигоҳ кард. Лаҳзае хомӯш монд. Баъд оҳиста ба Абдуллоҳи Нурӣ рӯй овард.

Нигоҳаш ором буд, вале дар умқи он хастагии солҳои ҷанг хонда мешуд.

Ӯ бо овози паст гуфт:

– Домулло... Як чизро шумо аз ман беҳтар медонед.

Абдуллоҳи Нурӣ сар боло намуд.

– Чиро?

Президент лаҳзае сукут кард. Гӯё мехост ҳар суханаш ҷойи худро дошта бошад.

– Дар ҳар ду тарафи ҷабҳа тоҷик меҷангад?

– Бале.

– Дар ҳар ду тараф модарони тоҷик фарзандонашонро талаф медиҳанд?

Абдуллоҳи Нурӣ ором ҷавоб дод:

– Бале.

Президент боз пурсид:

– Дар ҳар ду тараф кӯдакон ятим мемонанд?

– Бале...

Ин дафъа овози Нурӣ дигар устувор набуд.

Президент як қадам пеш гузошт ва илова намуд:

– Пас бигӯед, домулло...

Лаҳзае сукут варзида, боз ба сухан омад:

– Мо барои кӣ меҷангем?

Дар утоқ хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Абдуллоҳи Нурӣ ҷавоб надод.

Президент низ мунтазири ҷавоб набуд.

Ӯ боз назди тиреза рафт, ба кӯҳҳо нигарист. Сипас оромона гуфт:

– Ман солҳои зиёд роҳбари хоҷагӣ будам. Мардум наздам меомаданд. Касе намегуфт, ки маро роҳбар мон, маро вазифа деҳ. Одамон ободӣ мехостанд, оби полезӣ мехостанд, тухмӣ мехостанд, мактаб мехос- танд, духтурхона мехостанд... Онҳо зиндагӣ кардан мехостанд.

Президент рӯ ба Абдуллоҳи Нурӣ гардонд:

– Имрӯз ҳам мардум ҳамон хостанд. Танҳо фарқ дар он аст, ки ҳоло ба ҷойи ин ҳама сулҳ мепурсанд.

Боз сукут. Чой дар рӯйи миз кайҳо хунук шуда буд. Аз берун садои вазиши шамол ба гӯш мерасид.

Президент овозашро пасттар кард.

– Домулло... Мо ҳар ду имрӯз метавонем баҳс ороем, ҳақ будани худро собит созем, вале агар фардо дигар Тоҷикистон намонад чӣ?... Он вақт гапи ҳақ ба кӣ лозим мешавад?

Абдуллоҳи Нурӣ сарашро хам намуд. Ангуштонаш ноором рӯйи миз ҳаракат мекарданд. Сипас ба сухан омад:

– Одамони ман чӣ?

Президент дигар чизе нагуфт. Ӯ медонист, ки баъзе суханҳоро бояд ба виҷдони инсон ҳавола кард. Зеро қарорҳое ҳастанд, ки онҳоро на баҳс, балки таҳаммул мепазонад.

Президент бештар гӯш мекард, то донад чӣ ҳарфе бояд гуфт. Ӯ медонист, ки дар чунин музокирот бурд мансуб ба онест, ки бештар гӯш мекунад.

Ҳар бор, ки Абдуллоҳи Нурӣ андешаи худро баён менамуд, Президент суханашро намебурид. То охир гӯш мекард. Баъд оромона танҳо як–ду ҷумла зам менамуд. На барои рад кардан, балки барои он ки андешаи дигарро мавриди таваҷҷуҳи ҳамсуҳбаташ қарор диҳад. Гӯё мехост Абдуллоҳи Нурӣ худ роҳи ҳалро пайдо кунад.

Чунин тарзи музокира одати айёми собиқ роҳбарии ӯст. Замони раиси хоҷагӣ будан ҳамин тавр амал мекард. Аввал мардумро мешунид. Баъд роҳи ҳалро тавре пешниҳод менамуд, ки деҳқон гумон мебурд фикр аз худи ӯст. Вай хуб медонист, қароре, ки инсон моли худ медонад, аз қароре, ки ба ӯ таҳмил мекунанд, устувортар аст.

Абдуллоҳи Нурӣ баъзан аз ҷой мехест, тасбеҳ дар даст қадам мезад. Гоҳе рӯйи миз менигарист, ангуштонашро ба ҳам мефишурд.

Баъд аз муддате ӯ сухан оғоз кард. Ин дафъа оҳанги овозаш дигар буд. Баҳс ҳанӯз идома дошт. Вале дигар дар он тундии пешин ҳис намешуд. Мавҷи ҳар ду кас – оҳиста ба ҳам наздик мегашт.

Президент тирезаро кушод. Боди форами шом аз тирезаи боз ба утоқ даромада, пардаи тирезаро сабук меҷунбонд.

Аз дур садои кӯдакон меомад. Каме баъдтар аз масҷид бонги азони шом баланд шуд. Ҳар ду садо бо ҳам омехта, фазои ором пур мекарданд.

Президент чанд лаҳза ба берун нигарист.

Баъд рӯ ба Абдуллоҳи Нурӣ гардонд.

– Домулло... Ин садоҳоро мешунавед?

Абдуллоҳи Нурӣ гӯш дод.

– Бале.

Пас аз лаҳзае таваққуф гуфт:

– Ин садоҳо моро ин ҷо оварданд.

Сукут утоқро фаро гирифт. Тиреза ҳамоно боз буд. Садоҳо шоҳиди музокирот мегаштанд.

(Давом дорад)





# МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ БАРНОМАИ МУШТАРАКИ СТИПЕНДИЯВИИ ҶОПОН ВА ХБА

**Дар мулоқоти раиси БМТ Фирдавс Толибзода бо намояндагони Барномаи муштараки стипендиявии Ҷопон ва ХБА оид ба таҳсилоти баъдидипломӣ ҷаноби Такаши Нагаока - директори Дафтари минтақавии ХБА барои Осиё ва Уқёнуси Ором ва хонум Саика Кин - мудири барномаҳои Дафтари минтақавии ХБА барои Осиё ва Уқёнуси Ором масъалаҳои густариши ҳамкорӣ ва рушди иқтидори касбии мутахассисони низоми бонкии кишвар баррасӣ гардид.**

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон нахуст ба Ҳукумати кишвари Ҷопон, ХБА ва Барномаи JISPA барои дастгирии пайваста дар самти рушди сармояи инсонӣ ва таҳкими ниҳодҳои давлатӣ дар Тоҷикистон изҳори сипос намуда, қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар марҳилаи муҳими таҳаввулоти институтсионалӣ қарор дошта, чиҳати ташаккули як бонки марказии муосир ва устувор ислоҳоти муҳимро амалӣ менамояд. Ин раванд ба таҳкими низоми сиёсати пулию қарзӣ, такмили танзиму назорати бонкии мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, рушди таҳлили макроиқтисодӣ ва бахши молиявӣ, суръат бахшидани рақамикунонӣ, тақвияти идоракунии институтсионалӣ ва такмили низоми идоракунии хавфҳо равона шудааст. Дар мулоқот қайд гардид, ки сармоягузорӣ ба рушди сармояи инсонӣ яке аз самтҳои ислоҳоти институтсионалӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, нақши JISPA ҳамчун барномаи муҳими рушди иқтидори касбӣ махсус таъкид карда шуд. Барнома барои мухасилини он на танҳо имкони гирифтани таҳсилоти босифати академӣ, балки малакаҳои амалии таҳлилӣ, таҷрибаи байналмилалӣ ва шабакаи касбии заруриро фароҳам меорад.

Ҷонибҳо ҳамчунин зарурати тахкими ҳамкории минбаъда, ҷалби бештари мутахассисони ҷавону соҳибистеъдоди Бонки миллии Тоҷикистон ба барномаи JISPA ва рушди ҳамкорӣ дар самтҳои таҳсилоти роҳбарӣ, таҳқиқоти илмӣ, муколамаи сиёсӣ ва рушди иқтидори институтсионалиро баррасӣ намуданд. Ҳамзамон, дар Бонки миллии Тоҷикистон барои довталабон ва шахсони масъули рушди захираҳои инсонӣ дар низоми бонкии кишвар вобаста ба барномаи JISPA ҳамоиши иттилоотӣ баргузор гардид. Ба иштирокдорони ҳамоиш оид ба Барномаи JISPA, аз ҷумла ҳадафу самтҳои асосии он, талаботи барнома нисбат ба довталабон ва тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дархостӣ маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Барномаи JISPA барои рушди иқтидори касбии мутахассисон ва омода намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои иқтисод, молия ва сиёсати давлатӣ равона гардида, барои такмили дониш ва малакаҳои касбии мутахассисони кишвар имкониятҳои таҳсилоти баъдидипломиро фароҳам меорад.

## «S&P GLOBAL RATINGS»

### рейтинги соҳибихтиёрии қарзии Тоҷикистонро баланд бардошт

**14-уми августи соли 2026 Агентии байналмилалии рейтингии "S&P Global Ratings" рейтинги соҳибихтиёрии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз дараҷаи «B/B» бо дурнамои «мусбат» ба дараҷаи «B+/B» бо дурнамои «устувор» баланд бардошт.**

Баланд гардидани рейтинги соҳибихтиёрии қарзии кишвар аз дараҷаи «B/B» ба дараҷаи «B+/B» аз беҳтар гардидани арзёбии агентӣ вобаста ба вазъи иқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Тибқи арзёбии "S&P Global Ratings", ба ин тағйирот суръати баланди рушди иқтисодӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, таҳкими қурби асъори миллӣ, қобилияти сиривакт иҷро намудани уҳдадориҳои қарзи давлатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги стратегии кишвар мусоидат намудаанд.

Тағйироти мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дошта, метавонад ба таҳкими эътимоди шариконӣ байналмилалӣ ва сармоягузорон, беҳтар гардидани дастрасӣ ба захираҳои молиявии байналмилалӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби маблағгузории беруна замина гузорад.

Қобили зикр аст, ки рейтинги соҳибихтиёрии қарзӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими байналмилалии арзёбии қобилияти қарзӣ ва хавфҳои марбут ба иҷрои уҳдадориҳои молиявии давлат ба ҳисоб рафта, дар қабули қарорҳои сармоягузорӣ ва арзёбии дурнамои иқтисодию молиявии кишвар аз ҷониби шариконӣ байналмилалӣ нақши муҳим дорад.



# НАФТ АЗ ЭРОН

**(Аввалаш дар саҳ. 5)**

Ҳамчунин, ҷониби Эрон ба тавсеаи ҳамкориҳои нафтӣ ва истифодаи иқтидори ширкатҳои худ дар бозорҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ дорад. Пас, манфиати тарафҳо то андозае равшан ба назар мерасад. Яъне, Тоҷикистон ба сӯзишворӣ ниёз дорад, Эрон бошад, ба бозори нав.

Аммо саволи асосӣ ин аст, ки оё дар сурати воридоти сӯзишвории Эрон ба Тоҷикистон, он арзон мешавад? Албатта, инро ҳам вақт нишон медиҳад.

### АЗ ИНТИҚОЛ ТО ТАЪМИНИ ЛОГИСТИКИИ ВОРИДОТ

15-уми августи соли равон дар шаҳри Теҳрон вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа, вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим ва ҳайати кишвар бо вазири роҳ ва рушди шаҳрсозии Эрон Фарзона Содиқ низ мулоқот карданд.

Бино ба иттилои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, дар мехвари муколамаи ҷонибҳо ташкили самараноки интиқол ва таъмини логистикии воридоти маҳсулоти нафтӣ ва нафти хом аз Эрон ба Тоҷикистон буд. Дар ин замина, имкониятҳои мавҷудаи нақлиётиву логистикӣ баррасӣ гардид.

Таври маълум, Тоҷикистон бо Эрон сарҳади умумӣ надорад. Ҳар литр дизел ё бензини эронӣ бояд аз қаламрави кишварҳои транзитӣ ба Тоҷикистон расад. Бинобар ин, арзиши нақлиёт метавонад яке аз омилҳои ҳалкунанда дар рақобатпазирии сӯзишвории эронӣ бошад.

Дар солҳои охир Душанбе ва Теҳрон ба рушди долонҳои нақлиётӣ, транзит ва марказҳои логистикӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Аз ҷумла, масъалаи истифодаи имкониятҳои бандари Чобаҳор барои густариши робитаҳои Тоҷикистон бо Эрон низ баррасӣ шудааст. Агар ҳамкории энергетикӣ бо ҳамкории нақлиётӣ якҷо пеш равад, таъсири он метавонад аз доираи бозори сӯзишворӣ берун шавад. Яъне, роҳи арзони сӯзишвории эронӣ метавонад пеш аз ҳама аз роҳи арзони транзитӣ оғоз гардад.

Мавкеи вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа дар моҳҳои охир низ ин аст, ки Тоҷикистон бояд таъмини зарурии маҳсулоти нафтиро таъмин кунад. Бақте дар моҳи июл нархи дизел ба беш аз 15-17 сомонӣ расид ва дар баъзе минтақаҳо камчин шуд, вазир гуфт, ки захираи кишвар барои 60 рӯз мавҷуд аст ва мақомот барои пайдо кардани ҳаҷми зарурии маҳсулоти нафтӣ аз манбаъҳои дигар низ кор мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки барои Тоҷикистон ҳоло амнияти таъминот аз нархи якдафъаина муҳимтар шудааст. Агар Эрон тавонад таъминоти мунтазамро пешниҳод кунад, ҳатто агар нархи он дар баъзе ҳолатҳо ба нархи Русия баробар бошад, Тоҷикистон боз ҳам аз чунин ҳамкорӣ манфиат мебинад. Чаро? Зеро ҳангоми кам шудани пешниҳоди Русия кишвар як манбаи дигар хоҳад дошт.

### СӮЗИШВОРИИ ҲАВОПАЙМОӢ

Дар музокироти ҳайати Тоҷикистону Эрон масъалаи сӯзишвории ҳавонавардӣ низ ҷой дошт. Ин маҳсулот аз бензину дизел фарқ мекунад. Таъминоти он на танҳо масъалаи нарх, балки масъалаи фаъолияти муназзами фурудгоҳҳо ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ мебошад. Агар Тоҷикистон барои сӯзишвории авиатсионӣ низ ба як ё ду манбаъ вобаста бошад, ҳар мушкили таъминот метавонад ба соҳаи нақлиёти ҳавоӣ таъсир расонад. Аз ин рӯ, ҳамкорӣ бо Эрон дар ин бахш метавонад аҳаммияти стратегӣ дошта бошад. Ба шарте, ки маҳсулоти воридшаванда ба стандартҳои техникии зарурӣ ҷавобгӯ бошад.

Ҷанбаи дигари ҷолиби музокирот масъалаи нафти хом аст. Тоҷикистон ду корхонаи коркарди нафт дорад, ки иқтидори умумии онҳо тақрибан 500 ҳазор тонна дар як сол гуфта шудааст. Далер Ҷумъа дар мулоқот бо вазири нафти Эрон таъкид кардааст, ки Тоҷикистон барои таъмини амнияти энергетикӣ ба иқтидори коркарди дохилӣ низ такя мекунад ва меҳоҳад ширкатҳои эронӣ дар бозори дохилӣ фаъолтар шаванд.

Дар назар чунин менамояд, ки истифодаи нафти хоми эронӣ барои чунин корхонаҳо метавонад як имконияти ҷолиб бошад. Аммо боз ҳам масъалаи асосӣ логистика ва иқтисоди коркард аст. Дар расонаҳои эронӣ аз шароити имтиёзнок ва таҳияи қарордоди дарозмуддат сухан меравад, аммо то ҳол нархи ниҳоии мушаххаси дизел, бензин ё сӯзишвории ҳавопаймоӣ барои Тоҷикистон ба таври расмӣ эълон нашудааст.

### ЭРОН ҶОЙИ РУСИЯРО МЕГИРАД?

Тоҷикистон имрӯз аз нигоҳи таъминоти маҳсулоти нафтӣ ба Русия вобастагии зиёд дорад. Тибқи маълумоти хадамоти зиддиинҳисорӣ, дар шаш моҳи соли 2026 тақрибан 91 дарсади воридоти маҳсулоти нафтӣ аз Русия будааст. Имрӯз Русия инфрасохтори ташаккулёфтаи таъминот, роҳи оҳан ва шабакаҳои тиҷоратии мавҷуда дорад. Тоҷикистон низ солҳои зиёд бо ин низоми таъминот кор кардааст. Эрон бошад, бояд масирҳои транзитӣ, ҳаҷми таҳвил ва механизми пардохтро бо Тоҷикистон боз ҳам рушд диҳад. Аз ин рӯ, Эрон Русияро пурра иваз намекунад, балки ба бозори Тоҷикистон ҳамчун таъминкунандаи дуюм ё сеюм ворид мешавад. Барои ронанда муҳим нест, ки сӯзишворӣ аз кадом корхонаи Эрон ё Русия баромадааст. Барояш муҳим он аст, ки литр дизел ё бензин чанд сомонӣ меистад ва оё фардо он дар нуқтаи фурӯш ҳаст ё не?

**Усмон РАҲИМЗОДА**

Акбари Эронӣ:

# САДДЕ МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН ҲАСТ...



**ДОКТОР АКБАРИ ЭРОНӢ АЗ МАЪРУФТАРИН ДОНИШМАНДОНИ ЭРОН БА ШУМОР МЕРАВАД. Ӯ БЕШ АЗ СӢ СОЛ АСТ, КИ РОҲБАРИИ МАРКАЗИ ПАЖӮҲИШИИ «МЕРОСИ МАКТУБ»-РО БАР УҲДА ДОРАД. ИН МУАССИСА ЯКЕ АЗ БОНУФУЗТАРИН МАРКАЗҲОИ ИЛМИИ ҶАҲОНИ ФОРСИЗАБОН ДАР ЗАМИНАИ ТАСҲЕҲ, ТАҲҚИҚ ВА НАШРИ МЕРОСИ ХАТТӢ МАҲСУБ МЕШАВАД. ДОКТОР ЭРОНӢ ҲАМЗАМОН АЗ ҶОНИБДОРОНИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ ИЛМИИ ЭРОНУ ТОҶИКИСТОН БУДА, СОЛҲОИ ЗИЁД БАРОИ МУАРРИФИИ МЕРОСИ МУШТАРАКИ ФОРСИЗАБОНОН ТАЛОШ МЕКУНАД.**

**- Сафари шумо ба Тоҷикистон ба муносибати гиромидошти донишманд ва ҳунарманди маъруф Ҷӯрабек Назрӣ сурат гирифт. Эшон солҳо роҳбари Маркази мероси хаттии Тоҷикистон буданд ва шумо роҳбарии Маркази «Мероси мактуб»-и Эронро ба уҳда доред. Имрӯз байни ин ду марказ чӣ гуна ҳамкориро метавон густариш дод?**

- Пеш аз ҳама, аз шумо сипосгузорам, ки фурсати суҳбат бо мардуми азизи Тоҷикистонро фароҳам овардед. Он чӣ моро дар тӯли таърих ба ҳам мепайвандад, забон, хат ва тамаддуни муштараки мост. Ин ҳавзаи бузурги тамаддунӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо осори гаронбаҳои илмӣ, адабӣ, фалсафӣ ва ҳунарӣ офаридааст. Қисмати муҳими ин сарват дастнависҳоянд, ки мо онҳоро «мероси мактуб» меномем. Асаре, ки баъд аз садҳо сол боқӣ мондааст, ҳатман арзиш доштааст. Осори сатҳӣ аз миён меравад, аммо «Шоҳнома», осори Саъдӣ, Ҳофиз ва садҳо асари дигар зинда мондаанд, зеро мардум онҳоро аз насл ба насл ҳифз кардаанд. Ҳар миллат вазифадор аст ин меросро аз гузашта ба оянда интиқол диҳад.

**- Вазъи мероси хаттӣ дар Эрон ва Тоҷикистон имрӯз чӣ гуна аст?**

- Дар Эрон то имрӯз тақрибан 700 ҳазор нусхаи хаттӣ феҳрист шудааст. Беш аз нисфи онҳо ба забони форсӣ, тақрибан як сеюм ба арабӣ ва қисми боқимонда ба туркӣ ва дигар забонҳост. Дар Тоҷикистон бошад, то ҷое медонам, ҳудуди 6500 нусхаи хаттӣ мавҷуд аст, ки аз онҳо тақрибан 4500 нусха феҳрист шудаанд.

Дар Эрон аз қариб як аср пеш кори феҳристнигории илмии дастнависҳо оғоз гардид. Аввал китобхонаҳои бузурге чун Коҳи Гулистон ва баъдан Китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон ин корро анҷом доданд. Имрӯз аксари ин феҳристҳо рақамӣ шудаанд ва муҳаққиқони ҷаҳон метавонанд озодона аз онҳо истифода баранд. Дар Туркия низ чунин кор анҷом шудааст. Ӯзбекистон ҳам дар солҳои охир дар ин самт пешрафтҳои хуб дорад. Мутаассифона, дар Тоҷикистон ин кор ҳанӯз ба сатҳи лозимӣ нарасидааст.

**- Ба назари шумо мушкили асосӣ дар чист?**

- Яке аз масъалаҳои муҳим ин аст, ки феҳристҳои Тоҷикистон барои муҳаққиқони хориҷӣ амалан дастнорасанд. Дар замони зиндаёд Ҷӯрабек Назрӣ чаҳор ҷилди феҳристи дастнависҳо ба забони русӣ омода шуда буд. Баъдтар онҳо дар Эрон ба форсӣ ҳам нашр гардиданд. Аммо баъд аз он дигар робитаи мунтазам дар ин самт вуҷуд надошт. Дар ҳамин сафар як ҷилди нави феҳристро ба ман ҳадя карданд. Аз ин кор бисёр хушҳол шудам, аммо пешниҳод кардам, ки ҳадди ақал унвонҳои китобҳо ба шакли аслии форсӣ низ оварда шаванд. Мо хати сирилики тоҷикиро намедонем ва омӯхтани он барои бисёр муҳаққиқони эронӣ осон нест. Агар феҳристҳо духата - ҳам бо сирилик ва ҳам бо хати форсӣ нашр мешуданд, ҳам барои ҷавонони Тоҷикистон хизмат мекарданд ва ҳам барои ҳамаи эроншиносони ҷаҳон кобили истифода мебуданд.

Мо то имрӯз 484 ҷилд китоб нашр кардаем. Ин китобҳо имрӯз дар китобхонаҳои Вашингтон, Оксфорд ва бисёр марказҳои илмии ҷаҳон мавриди истифода қарор доранд. Вале дар Тоҷикистон барои муаррифии мероси хаттии худ дар сатҳи байналмилалӣ талоши зарурӣ сурат намегирад. Ҳатто агар имкони нашри тамоми китоб ба хати форсӣ набошад, ҳадди ақал хулоса ё муқаддимаи форсӣ ё англисӣ бояд дошта бошад. Имрӯз, ки ҷаҳон ба шарофати фазои маҷозӣ ва технология ба ҳам наздик шудааст, дигар набояд чунин монеаҳои иттилоотӣ вуҷуд дошта бошанд. Ҷудоие, ки дар як асри гузашта ба вуҷуд омад, ҳанӯз ҳам паёмадҳои худро дорад ва бисёре аз донишмандон аз он чӣ дар Тоҷикистон анҷом мешавад, хабар надоранд.



**- Дар маҷмуъ, муҳаққиқони Эрон то чӣ андоза аз мероси хаттии Тоҷикистон огоҳанд?**

- Ростаҳро бигӯям, огоҳии онҳо чандон зиёд нест. Сабаби асосӣ ҳамон масъалаи хат аст. Вақте хатро хонда наметавонед, табиист, ки аз мундариҷаи осор ҳам бехабар мемонед. Дар асл, дар як қарни охир байни як фарҳанги воҳид марзе кашида шуд. Ман ҳамеша мисоле меорам: гӯё рӯдхонае ҷорӣ аст, аммо миёни он садде сохтаанд. Одамоне, ки дар ду соҳили рӯд зиндагӣ мекунанд, дигар наметавонанд аз оби якдигар истифода баранд.

Агар осори Тоҷикистон ҳатто бо хати лотин ҳам пешниҳод мешуд, муҳаққиқони ҷаҳон метавонистанд аз онҳо баҳра баранд. Аммо имрӯз, ба сабаби сирилик будани феҳристҳо ва маълумотномаҳо, муҳаққиқони эронӣ амалан имкони истифода аз онҳоро надоранд, магар он ки касе онҳоро ба хати форсӣ баргардонад.

**- Ҳангоми омода кардани матнҳои илмӣ дар Маркази «Мероси мактуб» то чӣ андоза аз нусхаҳои хаттии Тоҷикистон истифода мешавад?**

- Истифода мешавад, вале мутаассифона, хеле кам. Аз ҷумла, метавон аз тазкираи Мутрибии Самарқандӣ ёд кард, ки устод Асғари Ҷонфидо онро тасҳеҳ намуд ва мо ба чоп расонидем. Ҳамчунин, осори Абдураҳмони Ҷомӣ, ки аз ҷониби донишмандони барҷастаи тоҷик зиндаёд Абдунабӣ Афсаҳзод, Аълохон Аҳрорӣ ва Амриддин Алимардон таҳия шудаанд, имрӯз ҳам дар ихтиёри муҳаққиқони Эрон қарор доранд ва аз онҳо истифода мешавад. Дар ҳамин сафарам низ чанд матни таҳиякардаи муҳаққиқони тоҷикро ба ман ҳадя карданд. Худи матнҳо бо хати форсӣ буданд, аммо муқаддима ва тавзеҳот бо хати сирилик навишта шудаанд. Аз ҳамкорони тоҷик хоҳиш кардам, ки ин муқаддимаҳоро низ ба хати форсӣ баргардонанд, то мо битавонем онҳоро дар Эрон низ ба нашр расонем.

**- Каме дар бораи фаъолияти Маркази «Мероси мактуб» ба хонандаи мо бигӯед.**

- Пеш аз Инқилоби исломӣ дар Эрон муассисае бо номи Бунёди фарҳанги Эрон фаъолият мекард, ки роҳбарии онро устод Парвиз Нотили Хонларӣ бар уҳда дошт. Он муассиса зиёда аз 250 китоб нашр кард, ки тақрибан 90-тояш матнҳои интиқодӣ буданд ва боқимонда ба пажӯҳишҳои забон, адабиёт, таърих ва фарҳанг бахшида мешуданд.

Пас аз Инқилоби исломӣ фаъолияти он муассиса қатъ гардид. Баъдтар мо пешниҳод кардем, ки муассисаи нави тахассусӣ барои эҳё ва нашри мероси хаттӣ таъсис дода шавад. Бо дастгирии Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ Маркази «Мероси мактуб» таъсис ёфт ва имрӯз беш аз сию се сол аст, ки фаъолияти худро идома медиҳад.

**- Тамоми ин муддат роҳбарии марказро шумо уҳда доред?**

- Бале ва то имрӯз 414 номгӯй китоб дар 484 ҷилд ба нашр расонидем.

**- Тоҷикистон тасмим гирифтааст Маркази байналмилалии Наврӯзро таъсис диҳад. Ба назари шумо, дар ин самт чӣ гуна ҳамкориҳо метавонанд миёни марказҳои илмии Тоҷикистону Эрон роҳандозӣ шаванд?**

- Мо аз ин иқдоми сарвари фарҳангпарвари кишвари Тоҷикистон огоҳем ва онро як иқдоми бисёр муҳим медонем.

Маркази илмӣ пеш аз ҳама ба манобеи дақиқ ниёз дорад. Масалан, агар муҳаққиқе бихоҳад дар бораи Наврӯз таҳқиқ анҷом диҳад, бояд ҳамаи осори марбут ба ин ҷашн дар ихтиёраш бошад. Имрӯз мо танҳо ба забони форсӣ беш аз панҷоҳ китоб ва рисолаи «Наврӯзнома» дорем, то оғози асри XX таълиф шудааст. Ғайр аз ин, осоре ба забони туркӣ, арабӣ ва дигар забонҳо низ рисолаҳое ҳастанд, ки ба Наврӯз бахшида шудаанд.

Пас, агар қарор бошад Маркази байналмилалии Наврӯз таъсис дода шавад, пеш аз ҳама бояд тамоми ин мероси хаттӣ ҷамъоварӣ, феҳрист ва рақамисозӣ шавад, то муҳаққиқон битавонанд аз он истифода кунанд. Мо дар Маркази «Мероси мактуб» омодаем дар ин самт ҳамкорӣ кунем. Ҳар он чӣ дар бораи Наврӯз ҷамъоварӣ кардаем, метавонем дар ихтиёри ҳамкорони тоҷик қарор диҳем ва ҳатто барои таъсиси як пойгоҳи муштараки электронии манобеи Наврӯз ҳамкорӣ намоем. Ба назари ман, ин метавонад яке аз муҳимтарин заминаҳои ҳамкории илмии Тоҷикистону Эрон бошад.

**- Ташаккур барои суҳбат!**

**Мусоҳиб: Одил НОЗИР**

# АЗ ПУЛИ МИЛЛӢ ТО ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## Бузургдошти Ибни Сино дар Тоҷикистон



**АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ТАБИБ, ОЛИМ, ФАЙЛАСУФ, ШОИР ВА БУЗУРГТАРИН МУТАФАККИРИ ТОҶИК БУДА, БАРОИ РУШДИ ИЛМИ ТИБИ ҶАҲОН АСОС ГУЗОШТААСТ. НОМИ Ӯ ҲАМЧУН МУТАФАККИРИ БУЗУРГ ДАР ТАЪРИХИ ТАМАДДУНИ ҶАҲОНӢ БОҚӢ МОНДА, ОСОРИ ИЛМИИ Ӯ ТО ИМРӮЗ АРЗИШИ БАЛАНДИ ИЛМӢ ВА МАЪНАВИИ ХУДРО НИГОҲ ДОШТААСТ.**

Мероси гаронбаҳои Ибни Сино барои мардуми тоҷик мояи ифтихор аст. Эҳтиром ба ин абармарди илму хирад дар Тоҷикистон на танҳо бо ёдоварии номи ӯ, балки бо номгузории муассисаҳо, кӯчаву хиёбонҳо ва дигар мавзеъҳо ба номи ин донишманди бузург ифода меёбад.

### РӮЗИ ХОС

Дар Тоҷикистон 18-уми август аз соли 1995 ҳамчун Рӯзи кормандони соҳаи тиб, ё Рӯзи табибон ҷашн гирифта мешавад. Ин сана ба рӯзи таваллуди табиб, олим ва мутафаккири бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино пайванд дорад. Бо ворид шудани ин сана ба рӯйхати идҳои давлатӣ, он ҳамчун яке аз рӯзҳои муҳими касбии соҳаи тандурустӣ эътироф гардид. Ҳамасола дар ин рӯз заҳмату хизматҳои табибон ва дигар кормандони соҳаи тиб дар роҳи ҳифзи саломатии мардум қадрдонӣ мешавад.

### АСЪОРИ МИЛЛӢ (20 СОМОНӢ)

Дар рӯйи пулҳои коғазии 20-сомонӣ акси ин донишманди бузург ҷой дода шудааст. 20-сомонӣ аз соли 1999 дар муомилоти пулии кишвар қарор дошта, дар ороиши он бо барори тасвири Абӯалӣ ибни Сино Қалъаи Ҳисор ва рамзи тиб - море, ки ба косаи дорои гиёҳҳои шифобахш печидааст, низ инъикос ёфтаанд. Дар қафои асъори миллии 50-сомонӣ бошад, акси чойхонаи зебо, ки Сино ном дорад, ҷой дода шудааст. Ҷой додани симои Ибни Сино дар пули миллӣ нишонаи арҷгузорӣ ба мероси илмӣ ва мақоми баланди ин фарзанди барӯманди миллат мебошад.

### ҶОИЗАҲО БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Бо ибтикори Пешвои муаззами миллат ба хотири зинда нигоҳ доштани номи ин донишманди бузург ва қадрдонии дастовардҳои арзишманд дар соҳаи тиб 23-юми майи соли 2026 дар Тоҷикистон Ҷоизаи байналмилалии Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб таъсис дода шуд. Қабл аз ин Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 1967 таъсис дода шуда, барои дастовардҳои арзандаи илмӣ ва корҳои муҳиме, ки ба рушди илму техника мусоидат мекунанд, дода мешуд. Таъсиси ҷоизаи байналмилалӣ дар соли 2026 идомаи ҳамин эҳтиром ба мероси илмии Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Агар ҷоизаи давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ дастовардҳои арзандаи олимонро қадрдонӣ мекарда бошад, Ҷоизаи байналмилалӣ имконият фароҳам меорад, ки саҳми шахсиятҳои барҷастаи соҳаи тиб дар сатҳи васеътар эътироф гардад.

### НОҲИЯИ СИНО

Ба шарафи номи ин мутафаккири бузург дар Тоҷикистон ноҳия низ номгузорӣ шудааст. Ноҳияи Сино аз ҷиҳати меъморӣ яке аз ноҳияҳои зебо ва пешрафтаи кишвар ба ҳисоб меравад. Он аз замони таъсисёбияш ноҳияи Фрунзе номида шуда, бо ҳамин ном то соли 2003 шинохта мешуд. Бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №463, аз 21-уми ноябри соли 2003 номи ноҳия ба шарафи Абӯалӣ ибни Сино ба «ноҳияи Сино» иваз карда шуд.

### ҚУЛЛАИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Яке аз баландтарин қуллаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба номи Абӯалӣ ибни Сино номгузорӣ шудааст. Баландии он 7134 метр мебошад. Қулла соли 1871 аз ҷониби ҷуғрофишиноси рус Алексей Федченко кашф гардида, муддати тӯлонӣ ҳамчун яке аз баландтарин нуқтаҳо дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ шинохта мешуд. Ин қулла то соли 1928 бо номи Қуллаи Кауфман ва дар давраи шӯравӣ бо номи Қуллаи Ленин маъруф буд. Соли 2006 номи он ба Қуллаи Ибни Сино иваз карда шуд.

### ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 1939 таъсис ёфта, фаъолияти худро ҳамчун Донишкадаи давлатии тиббӣ оғоз кардааст. Соли 1993 муассиса мақоми донишгоҳро гирифта, номи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро соҳиб гардид. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон яке аз бузургтарин боргоҳҳои илм буда, ворисони арзандаи Синоро тарбият мекунад.

### ХИЁБОНИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Дар пойтахти азизамон шаҳри Душанбе яке аз хиёбонҳои маъруф ба номи Абӯалӣ ибни Сино гузошта шудааст. Хиёбони Абӯалӣ ибни Сино дар ҳудуди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҷойгир буда, номи ин донишманди бузургро зинда нигоҳ медорад. Номи хиёбон ба хотири арҷгузорӣ ба шахсияти таърихӣ, осори илмӣ ва саҳми бузурги Ибни Сино дар рушди илму фарҳанг гузошта шудааст.

### БЕМОРХОНАИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Номи Абӯалӣ ибни Сино ба соҳаи тандурустии кишвар низ пайванди хос дорад. Дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон чандин муассисаҳои тиббӣ ба номи ин табиби бузург номгузорӣ шудаанд. Яке аз бузургтарин ва маъруфтарин муассисаҳои тандурустӣ Беморхонаи Ибни Синои шаҳри Душанбе мебошад. Он моҳи сентябри соли 2009 фаъолияти худро оғоз карда, бо ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба аз Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ ба яке аз муассисаҳои шинохтаи тиббӣ табдил ёфт. Имрӯзҳо Беморхонаи Абӯалӣ ибни Сино аз маъруфтарин марказҳои тандурустӣ буда, табибони соҳибтаҷрибаи он бахри солимии ҷомеа хизмат менамоянд.

### АРҶГУЗОРӢ БА МУТАФАККИРИ БУЗУРГИ ҶАҲОНӢ

Ҳамин тавр, Абӯалӣ ибни Сино дар Тоҷикистон ҳамчун яке аз бузургтарин фарзандони миллат ва чеҳраи барҷастаи илми ҷаҳонӣ бо эҳтироми хос ёд мешавад. Номгузории муассисаҳо, кӯчаву хиёбонҳо, ноҳия ва дигар мавзеъҳо ба номи Ибни Сино нишонаи равшани арҷгузорӣ ба шахсият ва мероси илмии ӯ мебошад. Ин ҳама гувоҳи он аст, ки номи Сино рамзи илму хирад, дониш ва ифтихори миллӣ ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки дар Тоҷикистон ба шарафи мутафаккири бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино муассисаҳои таълимӣ, кӯча, боғ, осоишгоҳ (Осоишгоҳи Ависсенаи Истаравшан) ва ҳатто коргоҳи дорусозӣ (корхонаи дорусозии Истаравшан "Синомедикал") номгузорӣ шудааст. Мардуми шарафманду қадршиноси тоҷик ба хотири эҳтироми ин шахсияти таърихиву ҷаҳонӣ номи фарзандони хешро низ Сино мегузоранд.

**Абдуғаффор ШОДИЕВ**



# НАЛИЁТИ ҶАМЪИЯТӢ 20% ЗИЁД МЕШАВАД

**Аз 1-уми сентябри соли ҷорӣ шумораи нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе 360 адад ё 20 дарсад зиёд карда мешавад. Фирӯз Ғафурзода, роҳбари корхонаи «Душанбенақлиётхадамотрасон» мегӯяд, ки ин тасмим ба афзоиши шумораи мусофирон бо оғози соли нави таҳсил вобаста аст.**

Тибқи нақша, шумораи автобусу троллейбусҳо аз 350 ба 410 адад ва микроавтобусҳо аз 900 ба 1200 адад расонида мешавад. Микроавтобусҳои нав асосан ба хатсайрҳои сермусофир равона хоҳанд шуд.

Ҳамчунин, шумораи таксиҳо то 13 ҳазор адад зиёд карда мешавад. Айни ҳол дар пойтахт тақрибан 12 ҳазору 500 таксӣ фаъолият дорад.



# КАНАЛИ «ХАЛИФА ҲАСАН» МЕРОСИ ҶАҲОНӢ ШУД

**Канали таърихии «Халифа Ҳасан»-и шаҳри Панҷакент ҳамчун иншооти Мероси ҷаҳонии обёрӣ (WHIS) дар соли 2026 эътироф шуда, ба феҳристи Комиссияи байналмилалии обёрӣ ва заҳбурҳо ворид гардид.**

Ин низоми обёрӣ зиёда аз 400 сол фаъол буда, дарозии он 48 километрро ташкил медиҳад. Канал беш аз 3,5 ҳазор гектар замини кишоварзии Панҷакентро бо об таъмин мекунад.

Барои ворид шудан ба феҳрист иншоот бояд на камтар аз 100 сол дошта, ба меъёрҳои таърихӣ, фарҳангӣ, муҳандисӣ ва кишоварзӣ ҷавобгӯ бошад.

Ҳамзамон, каналҳои «Дарғом» ва «Шоҳрӯд»-и Ӯзбекистон низ ба феҳристи соли 2026 ворид шуданд. Маросими супурдани лавҳаҳои хотиравӣ моҳи октябр дар Марсел баргузор мешавад.



*Ҳилолиддин ШИРИНОВ*

**ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚИ РУСИЯ**

*Чеҳраҳое, ки миёни кишварҳо пул месозанд*

# ФАРДЕ, КИ МУШКИЛИ МУҲОҶИРРО ТО САТҲИ БАЙНИДАВЛАТӢ МЕБАРДОРАД

**ҲИЛОЛИДДИН ШИРИНОВ ЯКЕ АЗ ЧЕҲРАҲОИ ШИНОХТАИ ҶОМЕАИ ТОҶИКОН ДАР ВИЛОЯТИ ИРКУТСКИ РУСИЯ БА ШУМОР МЕРАВАД. Ӯ РОҲБАРИИ СОЗМОНИ ҶАМЪИЯТИИ «ДИАСПОРАИ ТОҶИКОНИ ВИЛОЯТИ ИРКУТСК»-РО БА УҲДА ДОШТА, ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ МУҲОҶИРОН, ҶАЛБИ АДВОКАТҲО, БАРҚАРОР НАМУДАНИ РОБИТА БО КОНСУЛГАРӢ ВА РАСОНИДАНИ МАСЪАЛАҲОИ ҲАМВАТАНОН БА МАҚОМОТИ ДАВЛАТИИ РУСИЯВУ ТОҶИКИСТОН ФАЪОЛИЯТ МЕКУНАД.**



## БО ЧӢ МАЪРУФ АСТ?

Дар баъзе манбаъҳо ӯ бо номи Алишер Ғиёсович Ширинов муаррифӣ шудааст. Аз ҷумла, дар рӯйхати расмии созмонҳои ҷамъиятии тоҷикон дар Русия, ки Сафорати Тоҷикистон нашр кардааст, роҳбари созмони минтақавии «Иттифоқи Тоҷикистониён» дар Иркутск Алишер Ширинов зикр мешавад. Дар Феҳристи давлатии шахсони ҳуқуқии Русия бошад, Ҳилолиддин Ғиёсович Ширинов роҳбари «Диаспораи тоҷикони вилояти Иркутск» нишон дода шудааст.

Ширинов соҳибкори калон ё мансабдори давлатӣ нест. Нуфузи ӯ аз қобилияти миёнаравӣ, робита бо сохторҳои дипломатӣ ва имкони зуд сафарбар намудани намояндагони ҷомеаи тоҷикон сарчашма мегирад.

## ТИҶОРАТЕ, КИ МУВАФФАҚ НАШУД

Қабл аз он ки фаъолияти ҷамъиятӣ ба кори асосии ӯ табдил ёбад, Ширинов худро дар соҳибкорӣ санҷидааст.

Соли 2014 ӯ дар Иркутск ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда, дар соҳаи алоқаи телефонӣ фаъолият карданӣ буд. Аммо ин тиҷорат дер давом накард.

Ҳамон сол ширкати «Самира» низ таъсис ёфт, ки Ҳилолиддин Ширинов муассис ва роҳбари он буд. Самти фаъолияти ширкат пешниҳоди баъзе навъҳои хизматрасонии молиявӣ нишон дода мешуд. Сармояи оинномавии он 10 ҳазор рублро ташкил медод. Вале ин ширкат низ натавонист ба як тиҷорати бузург ва устувор табдил ёбад ва баъдан фаъолияташро қатъ кард.

Бо вуҷуди нокомӣ дар соҳибкорӣ таҷрибаи кор бо ҳуҷҷатҳо, сохторҳои маъмурӣ ва одамони гуногун барои фаъолияти минбаъдаи Ширинов муфид гардид. Ӯ ба хулоса омад, ки имконият ва қобилияташ бештар дар кори ҷамъиятӣ ва миёнаравӣ ба кор меоянд.

Сармояи асосии Ширинов на тиҷорат, балки робитаҳо ва эътимоди ҳамватанон гардид.

## РОҲ БА СӮЙИ РОҲБАРИИ ДИАСПОРА

Ҳанӯз соли 2018 Ширинов ҳамчун раиси Ташкилоти ҷамъиятии вилоятии «Иттифоқи Тоҷикистониён» дар чорабиниҳо ва ҷаласаҳои вобаста ба муносибатҳои байни миллатҳо иштирок мекард.

24-уми сентябри соли 2020 дар Иркутск Ташкилоти ҷамъиятии вилоятии «Диаспораи тоҷикони вилояти Иркутск» расман ба қайд гирифта шуд. Роҳбарии он ба зиммаи Ҳилолиддин Ширинов вогузор гардид.

Бақайдгирии расмӣ ба созмон имкон дод, ки ба мақомоти давлатӣ муроҷиат кунад, манфиатҳои ҳамватанонро намояндагӣ намояд, адвокат ҷалб созад ва бо Сафорату консулгариҳои Тоҷикистон ҳамкорӣ барад.

## БА МУҲОҶИР ЧӢ ГУНА КУМАК МЕКУНАД?

Муҳоҷирон бештар дар ҳолатҳое ба диаспора муроҷиат мекунанд, ки ба мушкили ҳуқуқӣ ё маишӣ дучор шудаанд. Баъзеҳо забони русиро хуб намедонанд, дигарон аз қонунҳои муҳоҷират огоҳ нестанд ё барои гирифтани машварати ҳуқуқӣ маблағ надоранд.

Дар чунин шароит роҳбари диаспора метавонад барои пайдо кардани тарҷумон ё адвокат, барқарор намудани робита бо консулгарӣ, огоҳ кардани наздикони муҳоҷир ва ҷамъоварии кумаки молиявӣ мусоидат намояд.

Моҳи июни соли 2021 дар Иркутск барои ба Тоҷикистон фиристодани часади ду ҳамватани фавтида дар муддати кӯтоҳ маблағ ҷамъоварӣ шуд. Ширинов шахсан аз тоҷикони муқими минтақа хост, ки ба оилаҳои фавтидагон дасти ёрӣ дароз кунанд.

Чунин иқдомҳо одатан дар расонаҳо зиёд инъикос намешаванд, вале дар дохили ҷомеаи муҳоҷирон ба роҳбарони диаспора обрӯ мебахшанд.

Шуҳрати асосии Ширинов баъд аз иштирок дар ду қазияи пурсарусадо - фоҷиаи Залари ва баҳс дар атрофи сарнавишти як духтарчаи панҷсола бештар гардид.

## ФОҶИАИ ЗАЛАРИ

Моҳи ноябри соли 2021 дар шаҳраки Залари вилояти Иркутск миёни сокинони маҳаллӣ ва муҳоҷирони тоҷик низоъ ба вуҷуд омад. Задухӯрд бо оташ задани вагончаи сохтмонӣ, ки коргарони тоҷик дар он зиндагӣ мекарданд, анҷом ёфт. Дар сӯхтор Насимҷони Сайдалии 21-сола ва Сироҷиддин Гулзодаи 19-сола ҳалок шуданд. Чанд нафари дигар ҷароҳат бардоштанд.

Дар бораи сабаби сар задани муноқиша ду ривояти мухталиф паҳн гардид. Бархе расонаҳои Русия навиштанд, ки муҳоҷирон ба як духтари маҳаллӣ сухан партофтаанд ва ин боиси ҷанҷол шудааст. Намояндагони ҷониби Тоҷикистон иддао доштанд, ки ду шаҳрванди тоҷик дар назди мағоза мавриди ҳамла қарор гирифта, ҳамватанонашон барои ҳимояи онҳо омадаанд.

Пас аз ҳодиса ҳам шаҳрвандони Тоҷикистон ва ҳам сокинони маҳаллӣ боздошт шуданд. Ҳилолиддин Ширинов ба қазия фаъолона ворид гардид. Ӯ бо наздикони боздоштшудагон мулоқот кард, барои ҷалби адвокатҳо мусоидат намуд ва аз мақомоти тафтишотӣ хост, ки парвандаро беғаразона баррасӣ кунанд.

Бо мусоидати диаспора барои ҳимояи муҳоҷирон гурӯҳи иборат аз чор адвокат таъсис ёфт. Ширинов собит месохт, ки боздоштшудагон қасди куштор надоштанд ва танҳо барои ҳимояи ҳамватанони худ ба ҷойи ҳодиса рафта буданд. Ин мавқеи роҳбари диаспора ва ҷониби ҳимоя буд, на далели бо ҳукми суд тасдиқшуда.

## АЗ ЯК ШАҲРАК ТО ВАЗОРАТҲОИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ

Маҳз дар қазияи Залари қобилияти сафарбаркунии Ширинов ба таври равшан зоҳир гардид.

Намояндаи Консулгарии Тоҷикистон ба ҷойи ҳодиса сафар кард. Сипас Сафорати Тоҷикистон, ваколатдорони ҳуқуқи инсон ва вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистону Русия ба қазия таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Фоҷиаи як шаҳраки хурди вилояти Иркутск то сатҳи гуфтугӯи вазирони корҳои хориҷии ду давлат расид. Ҷониби Тоҷикистон хостори таҳқиқи беғаразонаи ҳодиса ва муҷозоти гунаҳкорон гардид.

Ваколатдори ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон Умед Бобозода низ бо ҳамтои русаш Татяна Москалкова масъалаи риояи ҳуқуқи муҳоҷирони боздоштшударо баррасӣ намуд.

Наметавон гуфт, ки ин ҳама танҳо бо талоши Ширинов анҷом ёфт. Вале ӯ яке аз фаъолтарин шахсоне буд, ки қазияро пайгирӣ карда, нагузошт фоҷиа аз маркази таваҷҷуҳ дур шавад.

Ин воқеа нишон дод, ки роҳбари як созмони минтақавӣ метавонад мушкили маҳаллиро ба масъалаи байнидавлатӣ табдил диҳад.

## ПАРВАНДА БО ЧӢ АНҶОМ ЁФТ?

Баррасии парванда тақрибан ду сол идома кард.

Соли 2023 чор шаҳрванди Тоҷикистон, ки ба авбошӣ ва сӯиқасд ба куштор айбдор мешуданд, ба ду солу нуҳ моҳи зиндон маҳкум гардиданд. Азбаски онҳо аллакай наздики ду сол дар боздоштгоҳи тафтишотӣ қарор доштанд, бо назардошти тартиби ҳисоб кардани мӯҳлати ҳабс аз толори суд озод шуданд.

Наздикони онҳо ҳукмро ноодилона мешумориданд. Аммо аз нигоҳи ҳуқуқӣ ин шаҳрвандон сафед нашуданд, балки гунаҳкор дониста шуданд. Аз ин рӯ, озод гардидани онҳоро набояд ҳамчун бегуноҳ эътироф шуданашон маънидод кард.

Қазияи Залари барои Ширинов ҳам обрӯ овард ва ҳам танқид. Барои муҳоҷирон ӯ роҳбаре буд, ки ҳамватанони боздоштшударо танҳо нагузошт. Муҳолифонаш бошанд, ӯро ба яктарафагӣ ва ҳимояи бекайду шарти ҳамватанон айбдор мекарданд.

## ЧАРО БА Ӯ МУРОҶИАТ МЕКУНАНД?

Бо вуҷуди моҷароҳо, муҳоҷирони тоҷик ҳамоно барои ҳалли мушкилоти худ ба Ширинов муроҷиат мекунанд.

Сабаб одист: ӯ медонад, ки дар ҳолати боздошт, баҳси ҳуқуқӣ, мушкили ҳуҷҷатгузорӣ ё марги ҳамватан ба куҷо муроҷиат кардан лозим аст. Метавонад адвокат пайдо кунад, бо консулгарӣ тамос гирад, кумак ҷамъ намояд ва таваҷҷуҳи расонаҳоро ба масъала ҷалб созад.

Барои муҳоҷири одӣ чунин имконият баъзан аз мақоми расмӣ ва шуҳрати умумӣ муҳимтар аст.

Қудрати Ширинов дар пул ё мансаб нест. Он дар қобилияти ба ҳам пайвастани муҳоҷир, диаспора, адвокат, дипломат ва рӯзноманигор зоҳир мешавад.

Дар ҳолати зарурӣ ин занҷира ба ҳаракат даромада, мушкили як муҳоҷирро ба масъалаи минтақа ва баъзан ду давлат табдил медиҳад.

**(Идома дорад)**



# 3 ПИЁЛА ЧОЙ

## хатари сактаро кам мекунаду асабро ором

**ЧОЙ ЯКЕ АЗ НӮШОКИҲОИ МАЪМУЛИИ МАРДУМИ ТОҶИК АСТ. ТАРКИБИ ЧОЙ АЗ ТАНИН, КОФЕИН, САФЕДАҲО ВА АМИНОКИСЛОТАҲО, ФОСФОР, ФТОР, КАЛИЙ, КАРБОГИДРАТҲО, ПЕКТИН ВА ВИТАМИНҲОИ ГУНОГУН БОЙ АСТ. ДАР САДСОЛАИ ОХИР ОЛИМОН ХУСУСИЯТҲОИ ЧОЙРО ҲАМАҶОНИБА ОМӮХТА, БА ТАВРИ ИЛМӢ БА САЛОМАТӢ ФОИДАҲОИ ЗИЁДЕ ДОШТАНИ ОНРО ИСБОТ НАМУДААНД.**

### ФОИДАҲОИ ЧОЙ

**1.** Нӯшидани 3 пиёла чой дар як рӯз рагҳоро васеъ ба бемориҳои дилу рагро пешгирӣ намуда, хатари ба сактаи дил гирифтор гаштани инсонро 20% кам мекардааст.

**2.** Чой ҷисми одамро аз нурҳои ултрабунафш муҳофизат мекунад.

**3.** Нӯшидани чой асабро ором карда, дар мубориза бо изтироб (стресс) ёрӣ мерасонад.

**4.** Чойи кабуд ва сиёҳи босифат ба муолиҷаи касалиҳои меъдаву рӯда кумак мекунанд.

**5.** Чой барои дандонхо, махсусан милки дандон фоида дорад.

**6.** Нӯшидани чой ҷараёни мубодилаи моддаҳоро дар организм фаъол гардонида, дар мубориза бо саратон ёрӣ мерасонад.

**7.** Чойнӯшӣ ба гирифторони касалиҳои чашм муфид будааст.

**8.** Ба гирифторони диабети қанд низ бештар чой нӯшиданро тавсия медиҳанд, зеро он ба пастшавии сатҳи қанд дар хун ёрӣ мерасонад.

### ЗАРАРИ ЧОЙ

**1.** Ҳама чиз, аз ҷумла нӯшидани чой низ бояд меъёри муайян дошта бошад. Истеъмоли аз ҳад зиёди чой барои занҳои ҳомила хатарнок аст.

**2.** Чойро дар меъдаи холӣ нӯшидан мумкин нест. Чой «табиати хунук» дорад ва ба меъдаи холӣ ворид шуда, испурч ва меъдаро сард мегардонад, ки баъди ин одамро ҳиссиёти ногувор фаро мегирад. Аз қадим чиниҳо маслиҳат медоданд, ки «ба шиками холӣ чойро нанӯшед!».

**3.** Нӯшидани чойи сӯзон зарар дорад, зеро чойи аз ҳад зиёд гарм ба гулӯ, сурхрӯда зарар дорад.

**4.** Табибон мегӯянд, ки ҳамеша чойи ҳарораташ аз 62 боло нӯшидан деворахои меъдаро маҷруҳ карда, ба бемориҳои гуногуни меъда оварда мерасонад. Беҳтар аст, ки ҳарорати чой аз 52 поён бошад.

**5.** Мутахассисон тавсия медиҳанд, ки чойро пеш аз истеъмоли таом нанӯшед. Агар ташна бошед, чойро 20-30 дақиқа пеш аз оғози истеъмоли таом нӯшед, беҳтар аст. Баъди тановули таом низ дарҳол чой нанӯшед. Ҳам чой ва ҳам дигар нӯшокиҳо дар ҷунин лаҳза ба суст гаштани кори узвҳои ҳозима сабаб мегарданду инсон худро беҳолу бемадор ҳис мекунад. Айни муддаост, агар шумо баъди хӯрокхӯрӣ 20-30 дақиқа сабр карда, баъд ба чойнӯшӣ оғоз намоед.

# 5 ҚОИДАИ ДУРУСТИ ТАОМХӮРӢ

**Саломатии инсон ба бисёр омилҳо, аз ҷумла ба ғизои истеъмолкарда ва тарзи хӯрокхӯрӣ вобаста аст. Ғизои носолим, аз ҳад зиёд бирён ё сахт, инчунин нӯшокиҳои газнок метавонанд ба фаъолияти меъдаву рӯда таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, риояи чанд қоидаи одӣ ҳангоми хӯрокхӯрӣ барои нигоҳ доштани саломатӣ муҳим аст.**



**1. СУБҲРО БО ОБИ ШИРГАРМ ОҒОЗ КУНЕД**

Пас аз бедор шудан як-ду истакон оби ширгарм нӯшидан метавонад барои таъмин намудани моеъ дар бадан ва ба кори муътадили узвҳои ҳозима мусоидат кунад. Сипас субҳонаи серғизо истеъмол кардан тавсия мешавад.

**2. ХӮРОКРО ХУБ БИХОЯНД**

Луқмаро шитобкорона ва пурра нахоида фурӯ бурдан ба кори меъда фишори иловагӣ меорад. Хӯрокро оҳиста ва бодиққат хоидан ба омехта шудани он бо оби даҳон ва осон шудани раванди ҳазм мусоидат мекунад.

**3. ҲАНГОМИ ХӮРОКХӮРӢ АЗ НӮШИДАНИ МОЕЪИ ЗИЁД ХУДДОРӢ НАМОЕД**

Об ё чойро ба миқдори зиёд ҳамзамон бо таом нӯшидан шарт нест. Беҳтар аст обро дар вақти мувофиқ ва бо меъёр истеъмол кунед.

**4. БАРОИ МУЛОИМ КАРДАНИ ЛУҚМА ОБ Ё ШАРБАТ НАНӮШЕД**

Луқмаро пеш аз фурӯ бурдан хуб хоидан дурусттар аст. Нӯшидани шарбати зиёд ё дигар нӯшокиҳо ҳангоми хӯрок метавонад ҳаҷми умумии истеъмолро зиёд кунад.

**5. ОБРО ОҲИСТА ВА ҶУРЪА-ҶУРЪА НӮШЕД**

Обро дар давоми рӯз ба таври мунтазам ва ба миқдори мувофиқ истеъмол кардан беҳтар аст. Нӯшидани об бо ҷуръаҳои хурд ташнагиро хубтар рафъ намуда, ба нигоҳ доштани тавозуни моеъ дар организм мусоидат мекунад.

**Риояи ин қоидаҳои одӣ дар баробари ғизои солим фаъолияти муътадили организм ва тарзи ҳаёти солимро таъмин мекунад.**

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ин ҳафта шахси наздикатон бо сюрпризи ногаҳонӣ шуморо хурсанд мекунад. Дар зиндагии шахсиатон дигаргуниҳои муҳим дар назар аст, аз ин рӯ ба муносибатҳои худ бештар таваҷҷуҳ намоед. Рӯзи сешанбе дар коргоҳ рафтору гуфторатонро назорат кунед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Ин ҳафта кӯшиш кунед рафтору гуфторатонро нармтар кунед. Мағрурӣ ва суханони тез метавонанд ҳатто дӯстони наздикатонро аз шумо дур созанд. Рӯзи душанбе вохӯриҳои кориро ба рӯзи дигар гузаронед. Бо талоши бештар метавонед даромади хуб ба даст оред.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Ин ҳафта ситораҳо ба шумо оромӣ ва бодиққатиро тавсия медиҳанд. Дар коргоҳ роҳбарият метавонад вазифаи навро ба зиммаатон гузорад. Агар ба қобилияти худ бовар надошта бошед, пеш аз қабул кардани он хуб андеша кунед.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Ин ҳафта корҳои зиёде ба дӯшатон меафтанд ва шояд надонед аз кадомаш оғоз кунед. Кӯшиш накунед ҳама корро якбора анҷом диҳед; муҳимаш сифати кор аст. Агар нияти сохтани зиндагӣ бо шахси дигарро дошта бошед, беҳтар аст ошкоро мавқеи худро бигӯед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Ин ҳафта барои оғози корҳои нав чандон мувофиқ нест. Рӯзи сешанбе аз одамони ғайбатчӣ дар коргоҳ дурӣ ҷӯед ва ба корҳои дигарон дахолат накунед. Агар муносибат бароятон муҳим бошад, кӯшиш кунед ба баъзе иштибоҳҳо чашм пӯшед.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Ин ҳафта бештар ба қувваю қобилияти худ такя кунед, зеро баъзе нақшаҳо метавонанд дар лаҳзаи охир тағйир ёбанд. Оромиро нигоҳ доред ва қарорҳоро бо андеша қабул кунед. Ба суханони бадхоҳон аҳаммият ва имкониятҳои пешомадаро аз даст надиҳед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Ин ҳафта барои зодагони Ақраб метавонад пур аз рӯйдодҳои ҷолиб бошад. Вохӯрии корӣ эҳтимол ба шиносоии ошиқона табдил ёбад. Агар аз овозаҳои атрофиён метарсед, муносибати навро то муддате пинҳон нигоҳ доред, аммо робитаро қатъ накунед.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Ин ҳафта баъзе нақшаҳои деринаатон метавонанд барбод раванд. Аз ин рӯ, худро сарзаниш накунед ва аз таҷрибаи бадастомада хулоса бароред. Минбаъд пеш аз оғоз кардани корҳои муҳим бо шахси соҳибтаҷриба маслиҳат кунед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Шумо аллакай аз бисёр мушкилот гузашта, масъалаҳои душворро ҳал кардаед. Акнун метавонед каме истироҳат намуда, аз рӯзҳои хуш лаззат баред. Нимаи дуюми ҳафта меҳмонони азиз ба хонаатон меоянд. Дар коргоҳ баъзе ҳамкорон бар зидди шумо нақша мекашанд.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Ин ҳафта дар хонаатон ҷамъомади ғайричашмдошт баргузор мешавад. Шахси дӯстдоштаатон шоми романтикӣ омода карда, эҳтимол тухфаи хубе бароятон пешкаш кунад. Пеш аз қабули қарорҳои муҳим эҳсосоту хоҳишҳои худро хуб андеша кунед.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Ин ҳафта пеш аз оғози лоиҳаи нав таҳкурсии мустаҳкам гузоред. Агар ба нерӯи корӣ ё маблағ ниёз дошта бошед, аз роҳбарият кумак пурсед, то заҳматҳои чандмоҳаатон барбод наравад. Агар ҳанӯз ба ӯ меҳр доред, як имконияти дигар диҳед.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Ин ҳафта сабру таҳаммул барои шумо бисёр муҳим аст. Мушкилии ҷиддие метавонад пеш ояд, ки ҳалли он вақт ва оромиро талаб мекунад. Барои хутҳои муҷаррад шиносоии ҷолиб дар назар аст. Кӯшиш кунед эътимоди шахси навро ба даст оред.

# МИЁНИ ӮВУ КОРМАНДОН ДЕВОР НАБУД...

**Соли 2016 буд. Ҳайати Тоҷикистон барои иштирок дар Анҷумани омӯзгорони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Федератсияи Русия сафар дошт. Тақрибан ҳаждаҳ нафар будем - одамони синну соли гуногун, соҳиби вазифаву масъулияти мухталиф ва табиист, ки ҳар кадом бо хислату табиати худ.**



Сафарҳои корӣ, махсусан бо ҳайати сершумор, барои роҳбари гурӯҳ ҳамеша ташвишҳои худро доранд: касе дер намонад, ҳуҷҷати нафаре мушкил пайдо накунад, ҳама сари вақт ба макони ҷорабинӣ расанд ва барномаи сафар дуруст иҷро шавад. Дар чунин ҳолатҳо маъмулан роҳбари ҳайат бештар ба корҳои расмӣ машғул мешавад. Аммо аз он сафар дар хотирам ман манзараи дигаре нақш бастааст. Раҳматулло Мадаюбович Мирбобоев, ки он вақт муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, пайваста аз ҳоли аъзои ҳайат хабар мегирифт. На ба маънои расмӣ, балки самимона мепурсид: ҳама хубанд? Касе мушкиле надорад? Шароити ҷойгиршавӣ чӣ гуна аст? Касе ба чизе эҳтиёҷ надорад?

Солҳо баъд, вақте он сафарро ба ёд меорам, бештар ба ҳамин ҷузъиёти ба зоҳир одӣ таваҷҷуҳ мекунам. Зеро симои инсонро на ҳамеша воқеаҳои бузург ошкор мекунанд. Баъзан як пурсиши одӣ, муносибати беғаразона ва таваҷҷуҳ ба нафаре, ки дар миёни ҷамъият чандон намоён нест, аз чандин суханронии пуршукӯҳ бештар дар бораи шахсият маълумот медиҳад. Шояд ҳамин хотира беҳтарин муқаддима барои сухан гуфтан дар бораи Раҳматулло Мирбобоев бошад.

Ӯ соли 1977 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намуда, фаъолияти меҳнатиашро аз ассистентии кафедраи иқтисоди сиёсии факултети иқтисодӣ оғоз кардааст. Баъдан дар Институти иқтисодиёти Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар аспирантура таҳсил карда, солҳои зиёд дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳамчун ассистент, муаллими калон, муовини декан, мудири шуъба ва дар вазифаҳои дигари таълимию илмӣ фаъолият намудааст. Ин роҳи зина ба зина тайшуда ӯро ба вазифаҳои декан, муовини ректор оид ба таълим, ректори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ниҳоят, солҳои 2013-2020 ба мақоми муовини якуми вазири маориф ва илм расонд.

Аммо агар аз ман ва дигар кормандони вазорат бипурсанд, ки аз солҳои ҳамкорӣ бо ӯ кадом хусусияташ бештар дар хотирам мондааст, қабл аз ҳама аз тарзи муносибаташ бо одамон ёд мекунам. Барои Раҳматулло Мадаюбович мақоми хидматии ҳамсуҳбат меъёри эҳтиром набуд. Дар муносибат бо роҳбари баландмақом ва корманди одие, ки барои ҳал кардани масъалае ба наздаш медаромад, тағйири назаррасе дар оҳанги сухан ё шеваи муносибаташ дида намешуд. Ин хусусият, бахусус дар муҳити идорӣ, арзиши хос дорад. Зеро мансаб ба инсон имконият медиҳад, аммо фарҳанги роҳбарӣ аз он оғоз мешавад, ки соҳиби мансаб аз ин имконият чӣ гуна истифода мекунад.

Солҳои ҳамкорӣ ин ҷиҳати шахсияти ӯро борҳо дидаам. Зуд-зуд маро назди худ даъват мекард. Гоҳе маълумотномае омода мешуд, гоҳи дигар санаде ба таҳлили ҷиддӣ ниёз дошт. Ӯ метавонист танҳо супориш диҳад ва баъди чанд соат натиҷаи корро талаб кунад. Аммо аксаран роҳи дигарро интихоб мекард: менишастем ва якҷо кор мекардем. Масъала мегузошт, фикрашро баён мекард, андешаи моро мешунид, ба ҷузъиёти санад таваҷҷуҳ менамуд, рақамҳоро месанҷид. Баъзан як маълумотномаи чандсаҳифаӣ дар ҷараёни ҳамин суҳбату таҳлил ба як машқи воқеии касбӣ табдил меёфт.

Баъзе нозукиҳои фаъолияти роҳбариро ман маҳз дар ҳамин нишастҳо омӯхтаам. На ӯ худро дар мақоми устод мегузошт ва на касе мегуфт, ки ҳоло дарси роҳбарӣ оғоз мешавад. Омӯзиш табиӣ сурат мегирифт: аз тарзи саволгузорӣ, эҳтиёткорӣ дар истифодаи рақам, таваҷҷуҳ ба мазмуни санад ва муҳимтар аз ҳама, аз то охир шунидани фикри корманди ҷавон.

Роҳбаре, ки кормандро танҳо иҷрокунандаи супориш медонад, метавонад натиҷа ба даст орад, аммо мактаби касбӣ ба вуҷуд оварда наметавонад. Мактаб дар муҳите шакл мегирад, ки корманд ба раванди андешидан ҷалб мешавад, фикрашро мепурсанд, ба назараш эҳтиром мегузоранд ва ҳамзамон аз ӯ масъулият талаб мекунанд.

Раҳматулло Мадаюбович чунин роҳбар буд.

Паҳлуи дигари муносибати мо баъди анҷоми соати корӣ бештар эҳсос мешуд. Баъзан кор тӯл мекашид. Агар ман ҳамоно бо лаҳни расмӣ суҳбат кардан мехостам, ӯ намегузошт. Бо самимияти хос мегуфт: “Соати корӣ тамом шуд, акнун мову ту дӯсту бародарем”. Он вақт ин суханро нишонаи самимият медонистам. Имрӯз дар он маънои амиқтар мебинам.

Раҳматулло Мирбобоев тавониста буд миёни вазифа ва инсон будан марзи солимро нигоҳ дорад. Ҳангоми кор масъулияти вазифавиро ҷиддӣ мегирифт, аммо намегузошт вазифа муносибатҳои инсониро фурӯ барад. Шояд решаи ин фарҳанги муносибат дар роҳи тӯлонии омӯзгорӣ ва илмии ӯ бошад. Фаъолияти касбии Мирбобоев аз курсии баланди маъмурӣ оғоз нашуда буд. Ӯ ассистент, омӯзгор, муҳаққиқ, декан ва муовини ректор буд. Касе, ки худ ин зинаҳоро гузаштааст, эҳтимол беҳтар медонад, ки корманди ҷавон ҳангоми ворид шудан ба дафтари роҳбар чӣ эҳсос мекунад.

Солҳои 2006-2008 декани факултети молиявию иқтисодӣ, солҳои 2008-2010 декани факултети иқтисод ва идора ва солҳои 2010-2012 муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Солҳои 2012-2013 роҳбарии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро ба уҳда дошт ва баъдан ҳафт сол муовини якуми вазири маориф ва илм буд. Пас аз анҷоми фаъолияти давлатӣ низ ӯ аз илму донишгоҳ дур нашуд. Солҳои 2020-2022 директори Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони хидмати дипломатии Вазорати корҳои хориҷӣ буд, баъдан ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргашт. Имрӯз ҳамчун доктори илмҳои иқтисодӣ ва профессор таҷрибаи худро ба насли ҷавон мерасонад.

Хидматҳои ӯ бо медали «Хизмати шоиста», Ифтихорномаи ИДМ ва унвонҳои «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Аълочии маорифи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» қадрдонӣ шудаанд.

Аз замоне ки Раҳматулло Мадаюбович дигар муовини якуми вазир нест, солҳо гузаштаанд. Агар робитаи мо танҳо вобаста ба вазифа мебуд, бояд кайҳо қатъ мешуд. Аммо то имрӯз ҳамдигарро дар иду айём табрик мегӯем, аз аҳволи якдигар мепурсем... Ин, ба назари ман, меъёри воқеии муносибати роҳбар бо корманд аст. Зеро баъди аз мансаб рафтани роҳбар ҳама расмиятҳо канор мераванд. Агар корманди собиқ баъди солҳо бо хоҳиши худ занг занад, аз саломатии роҳбари пешинааш пурсон шавад ва дидорашро ғанимат шуморад, ин дигар одоби хидматӣ нест. Ин ҳукми хотираи инсон аст.

Ин аст симои Раҳматулло Мадаюбович Мирбобоев аз нигоҳи ман - донишманде, ки роҳи тӯлонии илмро тай кардааст, роҳбаре, ки масъулиятҳои бузургро ба уҳда доштааст, устоде, ки таҷрибаашро ба дигарон интиқол додааст ва дар баландтарин зинаҳои фаъолияти худ низ муносибати озодро аз даст надодааст ва дар ҳар мақому мартаба пеш аз ҳама, ба маънои комил инсон монд.

**Э. ХУШБАХТ**

## МАВЛУДНОМА

### 20 АВГУСТ

**Рашид Воҳидов** (1966), 60-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Машариф Самиев** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Бозорбой Холов** (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика, (китобхонашинос).

**Боймурод Ҳамдамов** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Наҷмиддин Ҷамолиддинов** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

### 21 АВГУСТ

**Малик Раҳматуллоев** (1941), 85-солагии зодрӯзи сароянда.

**Муҳаммад Муллоҳоҷаев** (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Оиша Сарварова** (1926-2006), 100-солагии зодрӯзи арбобзани ҳизбию давлатӣ.

### 22 АВГУСТ

**Саидалӣ Алиев** (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Насрулло Каримов** (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Абдусаттор Нуралиев** (1941-2020), 85-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

### 23 АВГУСТ

**Виктор Лисенков** (1936), 90-солагии зодрӯзи муҳаққиди кино, журналист.

**Владимир Лучников** (1931), 95-солагии зодрӯзи доктори илми геологӣ.

### 24 АВГУСТ

**Анвар Тавобов** (1951), 75-солагии зодрӯзи шоири руснигори тоҷик.

**Телман Ҳаитов** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Умеда Юлдошева** (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

### 25 АВГУСТ

**Надежда Липанс** (1936), 90-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Нуралӣ Расулов** (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Ҳайдар Шодиев** (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

### 26 АВГУСТ

**Файзалӣ Комилов** (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Василий Лючлак** (1911-1997), 115-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Абдунасим Маҷидов** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

**ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**

(+992) **93 111 08 87**

### НИЁЗ ДОРЕМ

Ба бонувони маҳсгари дорои сертификат ниёз дорем. Тел.: 11-559-54-04

Ба бонувони тозакори маҳсгар бе таҷрибаи корӣ ниёз дорем (дар гирифтани сертификат кумак мерасонем), аз 20 то 30-сола. Тел.: 71-999-97-69

Ба бонувони маҳсгари дорои сертификат ниёз дорем. Тел.: 900-55-67-13

### КОР МЕҶӮЯМ

- Рӯбучини босифати хона. Тел.: 001-33-80-33
- Рӯбучини хона ва хизматгор барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33
- Рӯбучини подъездҳо дар биноҳои навсохт. Тел.: 931-47-17-13

### ТАЪМИРИ ХОНА

Таъмири пурраи хона бо хоҳиши мизоҷ. Босифат ва фавран. Устои таҷҳизоти сантехникӣ, электромонтаж, гипсокартон, обои, кафел, ламинат ва ғайра. Тел.: 938-771-771

### ТАЪМИРИ ТАҶҲИЗОТИ ТЕХНИКӢ

- Таъмири яхдон бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

### ГУНОГУН

- Газовик. Тел.: 988-61-10-57

### МЕХАРАМ

Яхдон, кондитсионер, мошинаи ҷомашӯӣ, мебели истифодашуда мехарам. Тел.: 785-36-79-79, 900-88-12-07

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи либосшӯӣ, мошинаи дарздузӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи либосшӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсонерҳо, курпача ва пахта. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

- Аттестати синфи 11, №0769818, ба номи Ғафуров Умедҷон Маҳмадҷонович, ки соли 2020 аз ҷониби МТМУ №66-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шартномаи ҳадяи бино ва иншоот таҳти феҳрасти рақами 9Ш-854, ки аз санаи 06.05.2021 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш. Душанбе ба номи Сангова Нигина Вайсиддиновна воқеъ дар ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳувайдуллоев 90 А дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Аттестати синфи 9, №103089, ба номи Раҷабова Шарифа Маҳмадназаровна, ки санаи 10.06.2002 аз ҷониби МТМУ №68-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Рақамҳои қайди давлатии автомобил 1976QQ03, ки соли 2026 аз ҷониби ШБИ РБДА ВКД ҶТ ба номи Толибзод Маҳфизулло Нодир дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шартномаи хариду фурӯши квартира дар реестри 1ш-1904, аз 13.12.2002, ба номи Байсариев Додарҷон Саидмуродович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 303, ҳуҷраи 31, ки дар нотариуси давлатии Саридораи давлатии нотариалӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Дафтари ҳавлӣ ба номи Сафарзода Шоира Фатҳулло, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Шамсӣ, хонаи 8, ҳ. 34, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси ширкати Комили Рухшед-13, РЯМ: 0910007945, РМА: 090013721, аз 14.10.2013, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Дипломи ДТК 0185042 ба номи Саидов Муҳаммадӣ Азизович, ки соли 2020 аз ҷониби Муассисаи ғайридавлатии Коллеҷи тиббии ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шиносномаи техникӣ ба номи Карабаев Нигмат Шерматович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Меҳробод 18а, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шартномаи ҳамкорӣ аз 15.07.2022, байни "АРК Лоиҳа" ва Шамсудинов Шерали Мурадалиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. М. Турсунзода 13/23, масоҳати умуми 67.4 м.м., 15 ошёна, блоки А, ҳ. 100, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шиносномаи техникӣ, №7935, аз 21.07.1992, ба номи Байсариев Додарҷон, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 303, ҳуҷраи 31, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шиносномаи техникӣ, №4994, ба номи Ҷабборов Раҳмон, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷ/д Гулистон, деҳаи Тезгари поён, аз соли 1957, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Ҳамдамов Фаёзҷон, ИНН: 025406098. Дастгоҳи ҳисоббарорбаркунӣ “Миника” - 1102Ф. Серия: 1002291. Ташкилот: қаҳвахона, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Аттестати синфи 11, А024944, ба номи Виниченко Максим Вячеславович, ки соли 1998 аз ҷониби Литсей-интернати муштараки тоҷикӣ-туркии иқтисодии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи нафақаи МВД, №01331, аз 29.09.2023, ба номи Клычева Зулхумор Камоловна, ки аз ҷониби ВКД дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

- Кооперативи тиҷоратии «Хидир», РМА: 330001414, РЯМ: 3310001714, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «ХУСНИ ОЛАМ», №1, РЯМ: 0210026264, РМА: 020050820, воқеъ дар ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ 3/2, Блок 1, фаъолияти худро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд. Тел: 908841000

# ДАР ЯҒНОБ ЧӢ МЕРӮЯД?



**Тағйирёбии иқлим олимонро водор месозад, ки ба минтақаҳои кӯҳии кишвар бештар рӯ оварда, имкониятҳои онҳоро барои рушди соҳаи кишоварзӣ омӯзанд. Бо ҳамин мақсад олимони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон имсол таҷрибаҳои илмиро дар водии Яғноб, дар баландии беш аз 2300 метр аз сатҳи баҳр ба роҳ монданд.**

Дар нимаи дуюми моҳи май дар деҳаи Хишортоби водии Яғноб, ҷамоати деҳоти Анзоби ноҳияи Айнӣ тухмии картошка, ҷуворимакка, офтобпараст, гандум, нахӯд, каду, сулӣ, помидор, бодиринг ва дигар зироатҳо дар замини хоҷагии деҳқонии Некмаҳмад Сафаров кишт карда шуданд.

Ба қитъаи таҷрибавӣ нуриҳои маъданӣ ва органикӣ ворид гардида, кишти тухмиҳо тибқи нақша сурат гирифт. Дар давраи нашъунамои зироатҳо нарм намудани байни қаторҳо, обмонӣ, нест кардани алафҳои бегона ва дигар чорабиниҳои агротехнологӣ сари вақт иҷро гардиданд. Ҳамзамон, олимон мушоҳидаҳои морфологӣ ва баҳодиҳии рушди ниҳолҳоро анҷом доданд.

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки шароити боду ҳавои водии Яғноб барои парвариши зироатҳои гуногун мувофиқ мебошад. Ҳамаи зироатҳои киштшуда хуб нашъунамо карда, ҳосили дилхоҳ доданд. Ҳавои тозаи кӯҳистон, оби чашмаҳо, хоки серҳосил ва кам будани касалию ҳашароти зараррасон барои истеҳсоли тухмии хушсифат ва парвариши картошка, помидор, бодиринг ва каду шароити мусоид фароҳам меорад. Имсол дар минтақа беш аз 20 намунаи картошкаи селексияи Тоҷикистон, Русия ва Ҳолланд санҷида шуд. Навъҳои ватании «Тоҷикистон», «Файзи Истиқлол», «Мастчоҳ», «Академияи миллӣ-1», «Файзобод», «Рашт» ва «Нилуфар» ба ҳисоби миёна аз 300 то 400 сентнер аз як гектар ҳосил доданд.

Навъҳои русии «Садон», «Ариел» ва «Фаско» аз 280 то 390 сентнер ҳосил дода, нисбат ба дигар навъҳо 10–12 рӯз барвақт пухта расиданд. Аз ин рӯ, дар оянда олимон мехоҳанд тавассути дурагакунии навъҳои тоҷикӣ ва русӣ намунаҳои серҳосилу тезпаз ба даст оранд.

Навъҳои ҳолландии «Пикассо» ва «Алладин» низ натиҷаҳои хуб нишон дода, ҳосилнокии онҳо ба 280–370 сентнер аз гектар расид. Мушоҳидаҳо ҳамчунин нишон доданд, ки дар ҳавои салқини Яғноб растаниҳои картошка бештар гул карда, ғӯраҳои зиёд ҳосил мекунанд. Ин хусусият барои корҳои генетикӣ ва селексионӣ аҳаммияти калон дорад. Натиҷаҳои таҷрибаҳо собит намуданд, ки водии Яғноб барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва корҳои илмии селексионӣ имкониятҳои васеъ дорад. Олимон ният доранд, ки солҳои оянда ин таҷрибаҳоро боз ҳам густариш диҳанд.

**Қурбоналӣ ПАРТОЕВ, доктори илмҳои кишоварзӣ,**
**Мавлон ҚУРБОНОВ, номзади илмҳои кишоварзӣ**

КУШТӢ

# 12 НИШОН ВА ҶОЙИ АВВАЛИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

**Дар шаҳри Душанбе дуюмин Чемпионати ҷаҳонии куштии миллӣ (гӯштингирӣ), ки 15-16-уми август бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, бо пирӯзии паҳлавонони тоҷик ҷамъбаст шуд.**



Дар чемпионат, ки бо иштироки варзишгарони зиёда аз 70 кишвари ҷаҳон баргузор шуд, паҳлавонон дар 9 вазн (6 вазн байни мардон ва 3 вазн байни занон) барои ба даст овардани унвон набард карданд. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ин мусобиқаи сатҳи ҷаҳонӣ 12 нишон (5 тило, 3 нуқра ва 4 биринҷӣ) ба даст овард. Нишонҳои тилои Тоҷикистонро Муҳаммад Салимов (-65 кг), Абдуллои Ориф (-71 кг), Муҳаммадшариф Начмиддинов (-78 кг), Ҳақназар Назаров (-86 кг) ва Комроншоҳ Устопириён (-95 кг) ба даст оварданд. Умар Шеров (-71 кг), Қоим Шукронов (-78 кг) ва Шарифҷон Назриев (95 кг) соҳиби нишони нуқра шуданд. Нишонҳои биринҷиро Ёсин Бобокалонов (-65 кг), Муҳаммадисо Раҷабов (-71 кг), Акмал Муродов (-95 кг) ва Шакармамад Мирмамадов (-95 кг) соҳиб гардиданд. Ба ғолибони ҷойи якум 20 ҳазор доллар, ба барандагони нишони нуқра 10 ҳазор доллар ва ба соҳибони нишонҳои биринҷӣ 5 ҳазор доллар тақдим карда шуд. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон аввал, Русия дуюм ва Ӯзбекистон сеюм шуданд.

ФУТБОЛ

# «РЕГАР-ТАДАЗ» БА МАРҲИЛАИ ГУРӮҲИИ ЛИГАИ ДАЪВАТИ КФО-2026/27 РОҲ ЁФТ

**Клуби футболи “Регар-ТадАЗ” бар тими “Мазия”-и Малдив пирӯз шуда, роҳхати марҳилаи гурӯҳии Лигаи даъвати КФО-2026/27-ро ба даст овард.**

Дар бозии даври муқаддамотӣ, ки дар Малдив баргузор шуд, «Регар-ТадАЗ» тими «Мазия»-ро бо ҳисоби 3:0 мағлуб кард. Голҳоро Озодбек Панҷиев, Шерзод Махамадиев ва Амирҷон Сафаров ба самар расониданд.

Ҳамин тавр, дар марҳилаи гурӯҳии Лигаи даъвати КФО-2026/27 Тоҷикистонро ду бошгоҳ - «Истиқлол»-и Душанбе ва «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода намояндагӣ хоҳанд кард. Рақибони дастаҳои Тоҷикистон дар марҳилаи гурӯҳӣ рӯзи 20-уми август дар қуръакашии мусобиқа маълум мешаванд.



ФУТБОЛИ ЗАНОНА

# КМВА ДАР ЛИГАИ ҚАҲРАМОНҲОИ ЗАНОНАИ AFC 2026/27

**Дастаи занонаи КМВА (Душанбе) аввалин бозии расмии худро дар доираи мусобиқаҳои Конфедератсияи футболи Осиё анҷом дод. Дар бозии ифтитоҳии даври пешакии Лигаи қаҳрамонҳои занонаи AFC 2026/27 духтарони Душанбе аз дастаи "Бам Хотун"-и эронӣ бо ҳисоби 0:3 мағлуб шуданд.**



Ин бозӣ 17-уми август дар варзишгоҳи марказии Ҳисор баргузор шуд. Иштироки КМВА дар ин мусобиқа таърихӣ буд, зеро то ин дам ҳеҷ як клуби занонаи Тоҷикистон дар мусобиқаҳои клубии AFC ширкат накарда буд.

Дар бозии дигари гурӯҳи Е дастаҳои "Иттиҳод"-и Урдун ва "Ал-Наср"-и Арабистони Саудӣ бо ҳисоби 2:2 мусовӣ карданд. Ҳамин тариқ, пас аз даври аввал "Бам Хотун" бо се имтиёз дар гурӯҳ пешсаф аст. "Иттиҳод" ва "Ал-Наср" якимтиёзӣ доранд, дар ҳоле ки КМВА бе ягон имтиёз аст.

Бозии навбатии КМВА 20-уми август бо "Иттиҳод" баргузор мешавад. Дар даври ниҳоӣ - 23-юми август дастаи Душанбе бо "Ал-Наср" рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Тибқи ҷадвали расмии Конфедератсияи футболи Осиё, бозиҳои гурӯҳи Е дар Ҳисор баргузор мешаванд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# «ҲОСИЛОТ» ИМТИЁЗ АЗ ДАСТ ДОД, «ИСТАРАВШАН» БОЗ ҲАМ ПИРӮЗ НАШУД

**Дар даври 14-уми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон голҳои дерҳангом зада ва мусовиҳо ба қайд гирифта шуданд.**

«Истиқлол» дар лаҳзаи охир бар «Равшан» пирӯз шуд. «Хосилот» дар шаҳри Турсунзода ду имтиёзро аз даст дод. КМВА дар вақти иловагӣ начот ёфт, аммо «Истаравшан» боз ҳам натавонист пирӯз шавад. «Эл-классико»-и тоҷикӣ дар Ҳисор бо пирӯзии «Истиқлол» ба охир расид.



Барои «Истиқлол» ин пирӯзии дуюми пай дар пай аст, ки мавқеашро дар садри ҷадвал мустаҳкам кард. Бозии серғол дар Турсунзода бо ширкати «Сардор» ва «Ҳосилот» буд, ки 3:3 ба охир расид. Боз як мусовии дигар дар Хуҷанд буд, ки «Эсхата» бо «Баркчӣ» 2:2 кард. «Хуҷанд» дар майдони худ «Истаравшан»-ро бо ҳисоби 2:0 мағлуб кард. Дар бозии «Вахш» бо КМВА бохтариҳо дар пеш буданд, аммо душанбегиҳо тавонистанд аз бохт начот ёбанд - 1:1.

## РЕЗААХБОР



Нурулло Алиев, размикори шикастнопазири тоҷик то охири сол боз як набарди дигар дар UFC баргузор хоҳад кард. Ин набард қарор аст 24-уми октябр дар UFC 333 дар Абу-Забӣ сурат бигирад. Ҳарифи "уқоби тоҷик" ин бор Грант Доусони амрикоӣ аст. Корномаи Алиев 12:0 ва аз ҳарифаш 24-3-1 аст.

***

Размикорони тоҷик дар мусобиқаи #ACA206 ширкат карданд. Фаридун Одилов (21-4-2) бо қарори якдилонаи доварон бар Олтинбек Мамашов (20-6-1), Осимхон Раҳмонов (17-5) бо нокаут бар Томаш Дэк (25-15-1), Меҳроҷ Мамадшоев (9-1) бо қарори якдилонаи доварон бар Павел Витрук (19-10-1) пирӯз шуданд. Ҳафиз Соқибеков (11-5) аз Висхон Қодиров (17-4) бо нокаути техникӣ мувоҷеҳи шикаст шуд.

***

Мизбонони даври гурӯҳии Лигаи даъвати КФО маълум шуданд. Инҳо клубҳои «Ал-Қадисия» (Кувейт), «Истиқлол» (Тоҷикистон) ва «Паро» (Бутан) ҳастанд. Ҳамин тавр, бозиҳои яке аз панҷ гурӯҳи Лигаи даъвати КФО дар мависи 2026/27 дар Тоҷикистон мегузарад. Қуръакашӣ рӯзи 20-уми август баргузор мешавад. «Истиқлол» дар сабади сеюм аст ва «Регар» дар сабади чорум.

***

Даври 11-уми Суперлигаи футзали Тоҷикистон бо голҳои бешумор ҷамъбаст шуд. «Соро-компания» дастаи «Истаравшан»-ро бо ҳисоби 8:3, «Сипар» дастаи КМВА-ро бо ҳисоби 3:1, «Истиқлол» «Сомон»-ро бо ҳисоби 8:2 ва «Амонатбонк» «Душанбе»-ро бо ҳисоби 11:2 мағлуб карданд. Ҳоло «Соро-компания» бо 31 имтиёз якум, «Истиқлол» ва «Сипар» бо 25-имтиёзӣ дуюму сеюманд.

***

Размикори тоҷик Қамариддин Ҳасанов (Комил Каратэ) 30-юми август дар мусобиқаи ACBJJ (Absolute Championship of Brazilian Jiu-Jitsu) дар Истанбул ширкат мекунад. Ҳарифи ӯ намояндаи Ҳиндустон Увайс Яъқуб аст. Набард бо қойидаҳои чиу-читсу дар вазни 70 кг баргузор хоҳад шуд.




## ПУШТУ ПАНОҲ

Ба сари нафаре зананд, «вой пуштам!» гуфта гиря кардааст.

- Охир, мо ба сари ту задем, чаро пуштам гуфта гиря мекунӣ?,- пурсиданд аз ӯ.

- Агар пушту панохе медоштам, ба сари ман зада наметавонистед,- ҷавоб дод ӯ.

## ПИРӢ

Аз зане пурсиданд:

- Ба фикри шумо, пирӣ кай фаро мерасад?

Гуфт:

- Вақте ки ороишоти косметикӣ ба куттии доругирӣ табдил меёбад.

## НАМОЁН

Шавҳар занашро ором кардан мехоҳад:

- Ором шав, ҷонам. Ту тамоман фарбеҳ нестӣ!

Зан бо гиря:

- Чӣ хел фарбеҳ нестам?

Шавҳар:

- Ту фарбеҳ не, балки ба чашм хеле намоён ҳастӣ, ҷонам!

## ХАРОБ

Зане ба дугонааш мегӯяд:

- Олимон собит намудаанд, ки хоби дарозмуддат боиси хароб шудан мегардад.

Дугонааш мепурсад:

- Чӣ хел?

Зан:

- Охир, чанд соати дигар дахон пӯшида меистад.

## СИЛСИЛАФИЛМ

Омӯзгор донишҷӯёнро насиҳат карданӣ мешавад:

- Одам бояд тавре зиндагӣ кунад, ки оби чашми модараш нарезад!

Донишҷӯе мегӯяд:

- Устод, роҳи ягона тамошои силсилафилмҳои туркиро манъ кардан аст!

## ВАСЕЪ

Зан ба марди дӯстдоштааш мегӯяд:

- Алишер, ман хунук хӯрдам, пичакатонро ба ман диҳед.

Мард мегӯяд:

- Бонуҷон, хафа нашаведу шумо аллакай як пичаки маро васеъ кардед.

## АЛГЕБРА

Рӯзноманигор аз ситораи навзуҳур суол мекунад:

- Дар умри худ ягон кори ҷасурона кардаед?

Ситора мегӯяд:

- Боре дар дарси алгебра ҷасорат карда, даст бардошта будам.

## МӮСИЧА

Духтарча ба модараш:

- Оча, мӯсичаҳо парандаанд?

Модар:

- Ҳа, духтарам.

Духтарча:

- Додом мураббияи маро дина, вақте ту набудӣ, "мӯсичаи ман" гуфта чеғ мезад. Вай чаро намепарад?

Модар:

- Мепарад бачаҷон. Худи ҳамин пагоҳӣ мепарад!

## ЗАРУР

Дар беморхона:

- Духтурҷон, ҳамин ҷарроҳии қимат воқеан зарур аст?

Духтур:

- Албатта зарур, бе ин на дар Туркия дам гирифта мешаваду на дар Дубай.

Бемор:

- Духтурҷон, ба ман на Туркия даркору на Дубай.

Табиб:

- Э мардаки сода, гап дар бораи ту намеравад охир.

## ҚАРЗ

Марде бо мақсади қарзгирӣ назди дӯсташ омада, суханро аз дур оғоз мекунад:

- Як замоне шудааст, ки марди асил ёфтан душвор аст. Дирӯз аз Даврони дӯстамон 100 сомонӣ қарз пурсидам, вале бузи лаънатӣ пул надорам гуфт.

Дӯсташ мақсади мардро дарк намуда, мегӯяд:

- Гӯш кун, дарҳол туро огоҳ кардан мехоҳам, ки ман ҳам буз ҳастам.

## ПОСУХИ КӮДАК

Зане бо кӯдакаш дар таксӣ мераванд. Кӯдак дар роҳ худ ба худ гап мезанад:

- Агар падарам фил мешуд, очаам филоча, ман филбача мешудам, агар дадаам гург мешуд, очаам гургоча, ман гургбача мешудам...

Ин гуфтугузори кӯдак ба дили ронанда мезанаду мегӯяд:

- Агар дадаат хар мешуду очаат буз, худат чӣ мешудӣ?

Кӯдак дар ҷавоб:

- Ронандаи таксӣ мешудам.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

